**Муқарризони расмӣ:** **Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молия ва суғуртаи ДМТ

**Ҷумаев Баҳовиддин Маҳмадназарович**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Ҳимояи диссертатсия «3» июли соли 2021, соати $11^{00}$ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) баргузор мегардад.

Бо мазмуну муҳтавои диссертатсия тавассути сомонаи www.tnu.tj ва дар китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» _________ 2021с фиристода шуд.

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Саидмуродова М.А.**

# I. ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Аҳамияти мавзӯи таҳқиқ.** Ҷаҳонишавии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар оғози асри XXI падидаи маъмули инкишофи низоми иқтисодӣ ва сиёсии ҷаҳон гардида, тамоми кишварҳо ва соҳаҳои иқтисодиётро фаро гирифтааст. Дар шароити муосир дар тамоми кишварҳои собиқ шӯравӣ, бо суръат ва самаранокии гуногун ислоҳоти иқтисодӣ ҷараён доранд, ки ба тағйири нақши давлат дар танзими иқтисоди дохилӣ ва равобити иқтисодии хориҷӣ равона гардидааст. Дар чунин шароит, масъалаи назарияҳо, методҳо ва роҳҳои гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ аҳамияти аввалиндараҷа касб мекунад. Имрӯзҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, беш аз ҳарвақта зарурати дарки ин матлаб мубрамият пайдо мекунад, ки ҳифзи истиқлолияти иқтисодӣ маънои маҳдудият не, балки танҳо тағйири моҳият ва шароити равобити кишвар бо дунёи берунаро дорад. Ҳамин тавр, ин таъкид, ки аз раванди ҷаҳонишавӣ эҳтиёт кардан не, балки ҳамаҷиҳата ба он омода будан лозим аст, барои ҳар як кишвари алоҳида равшан маълум мегардад. Дар робита ба ин аз Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтибос овардан мумкин аст: "Ташаккул ва татбиқи сиёсати хориҷӣ, ки меҳвари онро сиёсати «дарҳои кушода» ташкил медиҳад, яке аз дастовардҳои бузурги давлати миллии мо дар замони соҳибистиқлолӣ ба шумор меравад. Ба шарофати сиёсати хориҷии мутавозин дар ин давра Тоҷикистони мо дар арсаи байналмилалӣ мавқеи шоистаи худро пайдо намуда, муносибат ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаро бо кишварҳои дунё, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ ба роҳ монд".[2] Тағйироти куллии вазъи ҷуғрофӣ-иқтисодӣ ва ҷуғрофӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ нақши омили иқтисоди хориҷиро дар рушди кишвар бамаротиб афзуд. Муносибатҳои хоҷагидорӣ ва тиҷоратӣ на танҳо бо кишварҳои хориҷи дур, балки бо кишварҳои ҳамсоя низ барои Тоҷикистон равобити иқтисодии хориҷӣ дониста шуданд. Дар натиҷа, вобастагии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бозорҳои хориҷӣ ниҳоят афзуд. Дар марҳилаи кӯтоҳи ислоҳот кушодагии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷаҳони беруна ногузир гардид. Саҳми тиҷорати хориҷии кишвар имрӯзҳо ба беш аз 100% расидааст. Бозори дохилӣ акнун кишварро пурра таъмин карда наметавонад ва табиатан, дар равобити мутақобила бо бозорҳои минтақавию ҷаҳонӣ қарор дорад. Афзоиши нуфузи омили иқтисоди хориҷӣ дар рушди кишвар ба таври объективӣ бинобар ислоҳоти суратгирифтаи бозорие ба амал меояд, ки барои бархӯрди мутақобилаи иқтисоди миллӣ бо иқтисоди ҷаҳонӣ ва бозори дохилӣ бо бозори беруна асосҳои сифатан нав ба вуҷуд меоранд. Дар шароити муосир раванди таҳкими нақши институтҳои сиёсӣ ва иқтисодии байнидавлатӣ ҷараён дорад. Дар робита ба ин, масоили танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ аҳамияти бештар касб мекунад.

Манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши иқтисоди хориҷӣ азнавсозии куллии тахассуси байналмилалии истеҳсолоти кишварро ҷиҳати афзоиши саҳми он дар бахши содироти моли тайёр ва маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳамчунин,

---

[2] Ниг.: Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // http://prezident.tj/ru/node/13747

роҳандозии тиҷорати миллиро дар ҷараёнҳои истеҳсолии байналмилалӣ тақозо мекунанд. Барои амалисозии ин иқдом аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” қабул гардидааст. Татбиқи ҳадафҳои барнома ба рушду такомули минбаъдаи ниҳодҳои бозорӣ, навсозии сохтори иқтисодиёт, пеш аз ҳама, соҳаҳои саноат ва ҳамчунин, эҳёи сиёсати иқтисодии хориҷӣ мусоидат мекунад. Масъалаи ташаккул ва татбиқи манфиатҳои иқтисодии давлатҳо дар шароити тағйирёбии босуръати авзои геополитикӣ ва ҷуғрофӣ-иқтисодии фаъолияти иқтисодиёти ҷаҳонӣ аҳамияти хос касб мекунад. Тарҳи бархӯрди то ин замон ташаккулёфтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бозори ҷаҳонӣ на танҳо ба зарфияти рақобатпазирии он, балки ба дурнамои манфиатҳои иқтисодии он мутобиқат намекунад. Такмили минбаъдаи асосҳои қонунгузории фаъолияти ҷумҳурӣ дар бахши иқтисоди хориҷӣ мутобиқ ба талаботи Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат (СҶТ) ва созишномаҳои амалкунанда, ба ҳайси воситаи асосии ҳифзу ривоҷи рушди иқтисодӣ ва ба даст овардани таносубҳои муносиби бозорӣ тағйироти куллии нақши давлатро дар танзими сиёсати савдои хориҷӣ тақозо мекунад. Дар робита ба ин, бояд таъкид кард, ки сиёсати кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши иқтисоди хориҷӣ дар ҳоли гузариш аз марҳилаи сиёсати наҷотёбӣ (манфиати иқтисоди хориҷии кишвар дар дарёфти кумакҳои башардӯстона ифода меёбад) ба ҷараёни татбиқи манфиати асосии иқтисоди хориҷӣ бо роҳи ҳамкориҳо дар бахши иқтисод ва сармоягузорӣ қарор дорад. Ҳамин тавр, ҷараёни тағйири сиёсат ва тарҳи иқтисодии хориҷӣ такмили самтҳои асосӣ, шаклҳо ва методҳои танзими давлатии муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бахши иқтисоди хориҷӣ тақозо мекунад. Масъалаи асосноксозии назариявии ин ҷараён аҳамияти илмӣ-амалӣ дошта, маҳз барои ҳамин ба ҳайси мавзӯи кори илмӣ интихоб гардидааст.

**Дараҷаи коркарди илмии мавзӯи тадқиқот.** Назарияҳои зиёде вуҷуд дорад, ки ҷиҳатҳои гуногуни танзими муносибатҳоро дар бахши иқтисоди хориҷӣ баррасӣ мекунанд. Таҳқиқи масоили рушди давлатии муносибатҳо дар бахши иқтисоди хориҷӣ ҳанӯз дар асрҳои XVI-XVIII аҳамияти систематикӣ касб карда буд. Маҳз дар ҳамин давра асосҳои назарияи муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ аз ҷониби меркантилистҳо поягузорӣ шуда буд, ки *шиори асосии онҳо дар эҷоди мувозинати мусоиди савдо ифода меёфт.* Таҳқиқи минбаъдаи масъалаи мазкур ба номҳои классикони англиси илмҳои сиёсӣ-иқтисодӣ А. Смит ва Д. Рикардо, ки назарияи тиҷорати озод (*принсипҳои афзалиятҳои мутлақ ва нисбӣ*)-ро пешниҳод кардаанд, алоқаманд аст. Баъдан ба масоили рушди муносибатҳои иқтисодӣ, тиҷорати озоди хориҷӣ, бозкушодагии иқтисодӣ, рушди иқтисодиёт намояндагони мактабу таълимоти гуногун таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуданд. Дар сиёсати иқтисодии хориҷӣ ва амалияи танзими давлатӣ дар давраҳои гуногун ҷабҳаҳои мухталифи назарияҳои болозикр истифода шудааст. Дар шароити кунунии байналмилаликунонии ҳаёти иқтисодӣ иқтисодиёти кишварҳои алоҳида рӯз то рӯз ба тақсимоти байналмилалии меҳнат ворид мегардад, ки ин амр нақш ва мақсади танзими миллии иқтисоди хориҷиро тағйир медиҳад. Аз як тараф, вазифаи асосии давлат мисли қабл фароҳамсозии шароити нисбатан мусоид барои соҳибкорон дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ мебошад, ки ба амалисозии чораҳои

муҳофизатии бозори миллӣ марбут аст. Аз тарафи дигар, равандҳои интернатсионаликунонӣ ва ҷаҳонишавӣ зарурати озодсозии савдои хориҷӣ ва гардиши сармояву муносибатҳои молиявӣ-асъориро ба миён меоранд. Дар робита ба ин, маҷмӯи шакл ва методҳое, ки давлат бо мақсади танзими фаъолияти худ дар бахши иқтисоди хориҷӣ истифода мебарад, аҳамияти хос касб мекунад. Дар адабиёти муосири иқтисодӣ ҷиҳати таҳқиқи масоили танзими давлатии муносибатҳо дар бахши иқтисоди хориҷӣ равишҳои мухталиф вуҷуд дорад. Масалан, равиши "ҷаҳонишавӣ" чунин мепиндорад, ки маҳз раванди ҷаҳонишавӣ ва минтақавишавӣ хусусиятҳои муносибатҳои кунунии иқтисоди хориҷиро муайян мекунанд ва ба ташаккули манфиатҳои иқтисоди хориҷии кишвар ва ҳамин тавр, ба шаклҳо ва методҳои танзими давлатӣ таъсир мерасонанд. Корҳои илмии олимони кишварҳои ИДМ, ба монанди Л.И.Абалкин, Е.Ф. Авдокушин, О.Т.Богомолов, Ю.В.Шишков, Л.И.Глухарев, Н.Я.Петраков, С.Ю.Глазев, Е.С.Строев, Н.А.Назарбаев, Смирнов А.А. ва дигарон бештар ҳамин равишро таҷассум мекунад. Олимони Ғарб Э.де Сото, Г.Зингер, Р. Пребиш, Р.Нурксе, А.Хиршман, Х.Ченери ва дигарон равиши суннатӣ (тарҳи "марказ-музофот")-ро ривоҷ медиҳанд ва чунин мешуморанд, ки маҳз марказ маҳсулоти моддиву ғайримоддӣ, навовариҳои илмӣ-техникиро ба вуҷуд оварда, ба музофотҳо тақсим мекунад. Ҳамин тавр, кишварҳои ҷонибиро зарур аст, ки самтҳои асосии танзими давлатии муносибатҳои иқтисоди хориҷии худро маҳз бо таваҷҷуҳ ба ҳамин тарҳ муайян намоянд. Дар адабиёти ватании иқтисодӣ масоили танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ дар корҳои олимони зерини соҳаи иқтисод предмети таҳлили амиқ қарор дода шудааст: Н.К. Каюмова, Р.К. Рахимова, М. Нурмахмадова, С.Д. Комилова, И.А. Асророва, А.Б. Мирсаидова Л.М.Саидмурадов, Т.Н. Назарова Х.У., Умаров ва дигарон.

Кори муаллифони хориҷӣ ва ватании дар боло зикршуда ва ҳамчунин, дигар маводи илмиву нашрияҳо асоси таҳқиқи муаллифи ин диссертатсия гардидааст. Бо вуҷуди ин, ҷабҳаҳои зиёди танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва методологӣ ҳанӯз ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст. Рангорангии ҷабҳаҳои гуногуни ин масъала, мубрамияти ҷустуҷӯи равишҳои нав барои муайянсозии шаклу методҳои самараноки танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ зарурати таҳқиқоти илмии минбаъдаро дар ин самт ба миён меорад. Зеро танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ назар ба танзими дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ вижагиҳои хос дорад. Дар илми иқтисодиёти ватании ҷумҳурӣ таҳқиқи масъалаи рушди давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ дар ростои ҳамгироии кишвар бо иқтисоди ҷаҳонӣ ҳамакнун оғоз мегардад.

Тасаввурот дар бораи сатҳи зарурии таъсири давлат ба муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ҳанӯз дар ҳоли ташаккулёбист. Бисёр ҷабҳаҳои дараҷаи таъсири давлат ба рушди муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ дар шароити тағйирёбии иқтисодӣ ҳамоно норавшан, баҳсталаб боқӣ мемонанд ва коркарди минбаъдаи назариявӣ-методологӣ ва илмӣ-амалиро тақозо мекунанд. Ҷанбаи умуминазариявии оқибати бозкушодагии пурраи муносибатҳои иқтисоди хориҷии кишварҳои дорои имкониятҳои маҳдуди иқтисодии хориҷӣ таҳқиқи алоҳидаро мехоҳад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот** муқаррароти назариявӣ, равишҳои илмӣ ва методологии қаблан зикршудаи муҳаққиқони рус, ғарб ва ватанӣ; санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон; маводи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати иқтисод ва рушди савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти созмонҳои байналмилалӣ, манобеи интернетӣ, маводи агентиҳои таҳлилии ватанӣ, байналмилалӣ ва русӣ, ки ба предмети мавзӯи таҳқиқ алоқаманданд, истифода шудаанд. Инчунин, ҳисоботи солонаи Бонки миллӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, манобеи илмӣ дар шакли маълумот ва маводи адабиёти тахассусӣ, мақолаҳои маҷаллаҳо, маърӯзаву ҳисоботи илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ, семинарҳо, ҳисобҳо ва таҳқиқи худи муаллиф чун асоси иттилоотӣ хидмат кардаанд.

Методҳои умумиилмии таҳқиқ, аз ҷумла методи таърихӣ-мантиқӣ, диалектикӣ, таҳлиливу синтезӣ, абстраксияи илмӣ, иқтисодӣ-оморӣ истифода шудааст.

**Тавсифи умумии таҳқиқот**

**Мақсади таҳқиқ** инкишофи муқаррароти назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ, муайянсозии нақш ва аҳамияти танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар бозсозии сохтории иқтисоди миллӣ ва афзоиши зарфияти содиротии ҷумҳурӣ мебошад.

**Объекти таҳқиқ.** Объекти таҳқиқот иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва танзими онҳо дар шароити тағйирёбии иқтисодиёт мебошад.

**Предмети таҳқиқ.** Низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки дар раванди фаъолияти механизмҳои танзими давлатии (МИХ) дар шароити дигаргунсозии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфтаанд.

Вобаста ба мақсади гузошташуда вазифаҳои зерин муайян гардиданд:

- таҳлили асосҳои назариявии пайдоиш ва инкишофи андешаи иқтисодӣ дар бахши муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ;

- муайянсозии мавқеи Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои мунтазам тағйирёбандаи кишварҳои ИДМ дар бахши иҷтисоди хориҷӣ;

- таҳқиқи механизмҳои амалкунанда (шаклҳо ва методҳо)-и танзими давлатии муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши иқтисоди хориҷӣ:

- таҳлили омилҳои таҳкимбахши гардиши савдои хориҷӣ бо мақсади муайянсозии сиёсати давлатӣ дар бахши иқтисоди хориҷӣ ва такмили воситаҳои танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ.

- таҳлили самтҳои асосӣ ва методҳои танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ;

- муайянсозии масоили танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ дар ҷумҳурӣ;

- пешниҳоди самтҳои асосӣ ва роҳҳои такмили механизмҳои давлатии танзими муносибатҳо дар бахши иқтисоди хориҷӣ.

**Методҳои таҳқиқ.** Дар раванди таҳқиқ аз методҳои маъмуле чун индуксия, дедуксия, методи таҳлил, таҳлили муқоисавӣ, методҳои маърифати мантиқию маърифати таърихӣ дар якҷоягӣ, таҳлили монографӣ, таҳлили омилҳо ва таҳлили

оморӣ кор гирифта шудааст. Методҳои мазкур имкон медиҳанд, ки пайванди сабабҳо ва натиҷаҳо дар низоми танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ муайян карда шавад.

**Соҳаи таҳқиқ.** Таҳиқоти диссертатсионӣ мувофиқи талаботи шиносномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.01. –- Назарияи иқтисодӣ, аз ҷумла бандҳои: 1.1. –Иқтисоди сиёсӣ: сохтор ва қонунмандиҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; таомули қувваҳои истеҳсолкунанда, шаклҳои иқтисодӣ, методҳои хоҷагидорӣ ва сохторҳои институтсионалӣ; ташаккули сиёсати иқтисодӣ (стартегия)-и давлат; қонунмандиҳои ҷаҳонишавии иқтисоди байналмилалӣ ва таъсири он ба фаъолияти низомҳои миллӣ-давлатӣ; 1.4. – назарияи иқтисоди тағйирёбанда ва тағйирёбии низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ гузаронида шудааст.

**Давраи таҳқиқи диссертатсионӣ** солҳои 2012-2020-ро фаро мегирад.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот:** асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, маълумоти расмӣ ва нишондодҳои омории Агентии давлатии омор, Вазорати иқтисод ва рушди савдо, маълумоти созмонҳои байналмилалӣ, манобеи байналмилалии интернетӣ, маводи агентиҳои таҳлилии ватанӣ, байналмилалӣ ва русӣ, инчунин маводи нашрияҳои илмӣ-оммавии марбут ба мавзӯи таҳқиқ.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** дар истифодаи методҳои таҳқиқ, эътимоднокии маводи истифодашуда, ҳаҷми зарурии маводи таҳқиқ, коркарди омории маводу интишорот ифода меёбад.

**Навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар фарогирӣ ва тавсифи муқаррароти алоҳидаи назариявӣ, консепсияҳои муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва ҳамчунин, муайянсозии самтҳои асосии такмили танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ дар шароити тағйирёбанда ифода меёбад.

Навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои он дар бандҳои зерин иншо шудаанд:

- Назарияҳои намояндагони классикӣ ва муосири илм оид ба таҳаввули назарияи муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва нақши давлат дар инкишофи ин муносибатҳо дар шароити муосир мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Асоснок карда шудааст, ки сарҳадҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, аз як тараф, тибқи талаботи густариши содироти миллӣ ва рушди шаклҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ ва аз тарафи дигар, мувофиқи қоидаҳои созмонҳои байналмилалӣ муайян карда мешавад.

- Мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дигаргунсозии робитаҳои иқтисодии хориҷии кишварҳои ИДМ ошкор карда гардида, самаранокии иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳимтарин ассотсиатсияи интегратсионӣ дар фазои ИДМ, ки барои истифодаи суръатбахши иқтидори он баҳри таҳким бахшидан ба ташкил ва офариниши механизмҳои зарурии бозорӣ дар кишвар бо инфрасохтори муосири рушдёфта асоснок шудааст.

- Асоснок гардидааст, ки дар шароити муосири иқтисоди ҷаҳонӣ мафҳуми “савдои озод” маънои классикии худро гум кардааст ва онро ҳамчун савдои озоди “танзимшаванда” тасвир намудан лозим аст, ки ин бо таҳкими ҳам рушди давлатии савдои хориҷӣ дар сатҳи миллӣ ва танзими савдои ҷаҳонӣ дар сатҳи

миллӣ аз ҷониби ташкилотҳои байналмиллалӣ неопротексионизми муайяне пайдо мешавад, ки рушди иқтисоди кушодро дар доираи истифодаи муайяни либералии чораҳои протексионистӣ муайян мекунад.

- Дар асоси таҳлили таъсири мултипликатсионии гардиши савдои хориҷии ҷумҳурӣ (содироту воридот), аҳамият ва зарурати ин нишондиҳандаҳо зимни муайянсозии сиёсати иқтисоди хориҷӣ ва такмили воситаҳои танзими давлатии муносибатҳо дар бахши иҷтисоди хориҷӣ асоснок карда шудааст. Ба асосҳои назариявӣ ва методологии баҳисобгирии "фоидаи тиҷорат" аз ҳисоби савдои хориҷӣ ва дар робита ба ин "даромади умумии воқеии дохилӣ" ба ҳайси нишондоди тағйироти мусоид ва номусоиди ҷаҳони беруна равшанӣ андохта шудааст, ки барои интихоби дурусти самти танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ хидмат мекунад.

- Самтҳои асосии афзалиятноки танзими байнидавлатии равандҳои ташаккул ва инкишофи ҳамкориҳои истеҳсолии байналхалқӣ дар доираи ИДМ, махсусан бо шарикии асосии Федератсияи Россия муайян карда шудаанд, ки дар онҳо ҳадафҳои стратегии рушд дар сатҳҳои микро ва макроиқтисодӣ, ки такомули мутақобилаи сохторҳои иқтисодии кишварҳо ва болоравии иқтисодиёти миллиро дар назар доранд, бояд муайян гарданд.

- Самтҳои асосӣ ва роҳҳои такмили механизмҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар шароити тағйирот пешниҳод карда шудаанд. Инчунин муайян карда шуд, ки дар шароити муосир рақобатпазир набудани истеҳсолоти ватанӣ, нерӯи кадрӣ ва механизми сусти логистикӣ боиси мушкилоти асосии робитаҳои иқтисодии хориҷӣ (ФИХ) мегарданд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Дар диссертатсия ба асосҳои назариявӣ-методологии зарурати таҳкими нақши давлат дар рушди муносибатҳои иқтисоди мунтазам таҳаввулёбандаи кишвар дар бахши хориҷӣ равшанӣ андохта шудааст, ноҳамоҳангиҳои иқтисодии муносибатҳо дар бахши иқтисоди хориҷӣ, хатари манбаи ашёи хом мондани кишвар барои кишварҳои дорои иқтисоди мутараққӣ ва роҳҳои имконпазири ҳалли ин масоил нишон дода шудааст. Муқарррарот ва натиҷагириҳо метавонанд ҷиҳати баррасии минбаъдаи масосили рушди давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ дар шароити иқтисодиёти таҳаввулёбанда истифода шаванд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқ** дар он хулоса мешавад, ки дар асоси пешниҳодҳо ҷиҳати такмили механизмҳои таъсири давлат ба рушди фаъолияти иқтисоди хориҷӣ метавон самаранокии савдои хориҷиро боло бурда, бозсозии сохтории иқтисодиётро амалӣ намуд ва масоили иқтисодиву иҷтимоии кишварҳои дорои иқтисоди таҳаввулёбандаро ҳал кард.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои диссертатсия метавонанд зимни таъмини ҳуқуқии низоми таъсиргузории давлат ба рушди муносибатҳои тиҷорати хориҷии кишвар ва ҳангоми муқаррарсозии сиёсати давлатии иқтисоди хориҷӣ муфид бошанд.

Маводи диссертатсияи илмӣ метавонад дар раванди таълими фанҳои алоҳида, аз ҷумла "Назарияи иқтисодӣ", "Иқтисоди ҷаҳон", "Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ", "Танзими фаъолияти иқтисоди хориҷӣ", "Танзими давлатии иқтисодиёт" истифода гардад.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- дар асоси таҳлили мулоҳизаҳои гуногуни назариявии классикони мактабҳои иқтисодӣ ва илми муосир, асоснок карда шудааст, ки ҳудуди танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ аз як тараф бо зарурати тавсеаи содироти миллӣ ва рушди шаклҳои кооператсияи байналмиллалӣ муайян карда мешавад ва аз тарафи дигар, тибқи қоидаҳои ташкилотҳои байналмиллалӣ;
- мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дигаргунсозии муносибатҳои иқтисодии хориҷии кишварҳои ИДМ муайян карда шуд;
- ошкор карда шуд, ки дар шароити муосири иқтисоди ҷаҳонӣ мафҳуми “савдои озод” маънои классикии худро гум кардааст ва онро бояд ҳамчун савдои озоди “назоратшаванда” ки рушди савдои берунӣ ва сиёсати давлатҳои ҷаҳонро дар ин самт муайян мекунад;
- дар асоси таҳлил таъсири мултипликатори гардиши савдои хориҷии (содирот ва воридот)-и ҷумҳурӣ, аҳамият ва зарурияти ин нишондиҳандаҳо дар муайян кардани сиёсати иқтисодии хориҷӣ ва такмил додани воситаҳои танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ асоснок карда шудааст;
- самтҳои асосии минбаъдаи танзими байнидавлатии ташаккул ва рушди ҳамкориҳои байналмиллалии истеҳсолӣ дар доираи ИДМ аниқ карда шудааст;
- муаммоҳои асосии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ муайян карда шуд;
- самтҳои асосӣ ва роҳҳои такмили механизмҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар шароити тағйирёбӣ пешниҳод карда шудааст.

**Саҳми шахсии диссертант.** Саҳми шахсии муаллиф дар интихоби мавзӯи таҳқиқ, муайянсозии мақсад ва асосноккунии вазифаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ, фарогирию тасниф, муайянсозии равишҳои назариявию амалии таҳлили танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ, тавсияҳо ҷиҳати таҳкими танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ дар шароити муосир ифода меёбад.

**Тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар якчанд конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва назариявӣ, симпозиумҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (2012-2019), конференсияҳои илмӣ-амалии олимони ҷавони Тоҷикистон (2012-2019) муаррифӣ гардида, хуб пазируфта шудаанд.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсионӣ.** Матлабҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи чоп омадаанд. Ҳаҷми умумии корҳои илмии интишорёфта 7,3 ҷ.ч.-ро ташкил медиҳад.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, руйхати адабиёт бо фарогири 164 номгӯй таркиб ёфта, 176 саҳифа матни асосӣ, 11 ҷадвал, 3 расм, 4 диаграмма, 1 нақшаро дар бар мегирад.

## II. МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯи диссертатсия асоснок гардида, дараҷаи коркарди илмӣ, назариявӣ ва амалии он матраҳ мешавад. Инчунин, мақсад, объект, предмет, методҳои таҳқиқ ва навгонии илмии таҳқиқ муайян карда шудааст.

Дар боби аввали диссертатсия таҳти унвони **“Заминаҳои объективӣ ва асосҳои назариявии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ”** андешаҳои назариявии классикони назарияи иқтисодӣ ва равияҳои муосири иқтисодӣ оид ба масоили танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ матраҳ гардида, масоили либерализатсияи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва заминаи консептуалии танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Дар боби дувуми диссертатсия таҳти унвони **“Таҳлили вазъи кунунии танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** вазъи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шуда, мавқеи Тоҷикистон дар арсаи муносибатҳои иқтисодии хориҷии ИДМ, масоил ва ҳамчунин, самтҳои асосии танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ нишон дода шудааст.

Дар боби севум – **“Самтҳои асосии такмили танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ”** роҳҳои такмили муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ, самтҳои асосии дастгирии содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешавад. Ҳамчунин, масоили такмили танзими байнидавлатии ҳамкориҳои байналмилалии истеҳсолӣ дар шароити муосир матраҳ шудааст.

**Дар хулоса ва пешниҳодот** натиҷаҳои асосии таҳқиқот оварда шудаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия** таҳлили назариявии классикони назарияи иқтисодӣ ва равияҳои муосири иқтисодӣ оид ба масалаҳои танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ карда шудаанд. Дар диссертатсия қайд мешавад, ки фаъолияти иқтисодии хориҷӣ чун ҷузъи муҳимми сиёсати иқтисодии кишвар дар марҳилаи кунунии рушди он қисмати асосии таркибӣ ба ҳисоб рафта, рушди устувори иқтисодии кишвар, сохтори соҳавии он ва суръати тараққиёти иқтисодиро муайян мекунад. Бинобар ин, таҳия ва татбиқи сиёсати самараноки иқтисодии хориҷӣ, ки ба ҳамгироии кишвар бо хоҷагии ҷаҳонӣ ва истифодаи афзалиятҳои ҳамкориҳои байналмилалии иқтисодӣ ҷиҳати таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат намояд, рӯз аз рӯз мубрамияти бештар касб мекунад. Аз ин мавқеъ такмили танзими давлатии муносибатҳо ва фаъолияти иқтисодии хориҷӣ чун маҷмӯи тадбирҳо ва институтҳои мусоидаткунанда ба татбиқи сиёсати иқтисодии хориҷии давлат аҳамияти калон касб мекунад.

Муаллиф ҷиҳати ҳамгироии кишвар бо хоҷагии ҷаҳонӣ ба нақши муҳимми иштироки давлат дар тақсимоти байналмилалии меҳнат, ки асоси объективии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ мебошад, ишора мекунад. Дар робита ба ин, дар диссертатсия назарияву консепсияҳои гуногуне, ки тақсимоти байналмилалии меҳнат ва муносибатҳои иқтисодии хориҷиро аз ҷанбаҳои мухталиф алоқаманд месозанд ва ҳамчунин, зоҳиршавӣ ва омезиши ин падидаҳо дар шароити муосир мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Дар рисола масоили либерализатсияи муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва ҳудуди он матраҳ гардида, моҳияти истилоҳи “иқтисоди кушод” дар партави либерализатсияи режими савдои хориҷӣ ва инчунин, дараҷаи таъсири он ба ҷараёни равандҳои иқтисодӣ дар кишвар маънидод шудааст. Муаллиф бар ин андеша аст, ки таҷрибаи либерализатсияи муносибатҳои тиҷоратӣ дар ҷумҳурӣ дар робита ба ин, ки тағйирот дар режими савдои хориҷӣ ҳанӯз ҳам дар шароити тағйирёбии муносибатҳои истеҳсолии иқтисодиёт ҷараён дорад, беназир аст.

Ҷиҳати арзёбии дараҷаи кушодагии иқтисоди ҷумҳурӣ ва таъсири он ба равандҳои фарогиршавӣ ба робитаҳои ҳамгироии ҷаҳонӣ усули муайянкунии ҳиссаи истеҳсолоти миллии ба сектори беруна нигаронидашуда истифода шудааст.

Иқтисоди Тоҷикистон аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ иқтисоди хурди кушодаеро мемонад, ки дар бахши муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ сиёсати дарҳои бозро татбиқ мекунад. Аммо сатҳи рушди иқтисодӣ ва зарфияти содиротӣ ҳанӯз ба кишвар имкон намедиҳанд, ки тавозуни мусбии тиҷоратӣ дошта бошад, зеро воридоти молу ашё аз имконоти содиротии кишвар чандин маротиба зиёд аст. Дар баробари ин, дар диссертатсия афзалиятҳои муҳимми иқтисоди хурди кушод, аз ҷумла зоҳиршавии сарфакорӣ дар истеҳсолот зикр мешавад, ки боиси коҳиши хароҷот ва нархҳо гардида, рушди устувори иқтисодиро таъмин менамоянд. Имкони дарёфти манфиат аз тиҷорати озоди мутақобилан судманд афзалияти дигари иқтисоди кушод буда, зимни он рақобат меафзояд, рушду инкишофи илмҳои нав, техникаву техкологияи замонавӣ ва воридшавию густариши онҳо дар кишвар таъмин мегардад. Муаллиф ба ақидаҳои мактаби кейнсианӣ такя карда, овардааст, ки "либерализатсияи муносибатҳои тиҷоратии хориҷӣ на танҳо бо мақсади дарёфти самараи иқтисодӣ, балки аз мавқеи коҳишдиҳии нархҳо, дастрасии манбаъҳо ва таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор дар соҳаҳои дорои зарфияти содиротии иқтисодиёт ҳатмӣ аст. Гузашта аз ин, либерализатсияи режими савдои хориҷӣ боиси на танҳо тағйирёбии ҳаҷми тарифҳои гумрукӣ, бардошташавӣ ё коҳишёбии маҳдудиятҳои микдорӣ ва тағйирёбии нархи маҳсулоту омилҳои асосии истеҳсолот, балки дар робита ба интихоб ва татбиқи сиёсати савдои хориҷӣ, боиси пайдоиши қоидаҳову интизориҳои нав дар ҷомеа мегардад".

Дар диссертатсия аҳамият ва нақши танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ (маҷмӯи муносибатҳои иқтисодии дар натиҷаи ҳаракати тамоми намуди захираҳо миёни кишварҳо ва субъектҳои хоҷагидории кишварҳои гуногун ташаккул ва инкишофёбанд), ки ба тамоми соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат дахл мекунанд, асоснок карда шудаанд. Танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ҳамчун системаи тадбирҳои сиёсӣ-хоҷагидорӣ, ки ҷиҳати таъмини иштироки муассир ва фарогири кишвар дар тақсимоти байналмилалии меҳнат ва бо мақсади афзоиши самаранокии истеҳсолоти миллӣ аз тарафи ниҳодҳои ҳукуматӣ амалӣ карда мешавад, мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф ҷузъиёти асосии механизми танзими давлатиро чунин тасниф кардааст (Расми 1).



**Расми 1. Ҷузъиёти асосии механизми танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ.**

Дар идомаи кор консепсияҳои асосии танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ асоснок гардидаанд. Назарияҳои гуногуни дар адабиёти иқтисодӣ оид ба раванди танзими фаъолияти савдои хориҷӣ ҷойдошта ба ду гурӯҳ тақсим шудаанд: а) консепсияи либерализм – хоҷагии ҷаҳонӣ маҳз аз ҳисоби тиҷорати озод ва дахолати маҳдуди давлат ба фаъолияти савдои хориҷӣ ба сатҳи нисбатан баланди некуаҳволии моддӣ ва тақсимоти самараноки манбаъҳо ноил мегардад; б) консепсияи протексионизм – фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ бо мақсади дастгирии истеҳсолкунандагони миллии ватанӣ ва таъмини мувозинати фаъоли тиҷоратӣ аз тарафи давлат идора карда мешавад. Ҳамчунин, қайд мешавад, ки ҳарчанд консепсияи либерализм ва назарияи протексионизм бо хусусиятҳои ба ҳам зид зоҳир мешаванд, на ину на он дар шакли комилан шаффоф дар ягон кишвари рӯйи дунё вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин, вобаста ба мавқеъҳои иқтисодии афроде, ки масъули масоили танзими давлатӣ мебошанд ва дар робита ба вазъи иқтисодӣ консепсияву назарияи мазкур амалан бо таносубҳои гуногун татбиқ шудаанд. Муаллиф таъкид мекунад, ки сабаби объективии татбиқи ногузири сиёсати протексионизм дар ҷумҳурӣ ин тамоюли ҳифзи соҳаҳои навтаъсиси иқтисодиёти миллӣ ва пеш аз ҳама, соҳаҳои истеҳсолот дар доираи татбиқи саноатикунонии босуръати кишвар мебошад. Бо вуҷуди ин, роҳандозии боҷҳои муваққатии протексионистӣ ҷиҳати эҷоди истеҳсолоти шабеҳ (воридотивазкунанда) ба истеҳсолоти кишварҳои дигар воситаи зарурӣ ба ҳисоб

меравад. Муаллиф вазифаҳо ва принсипҳои афзалиятноки танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷиро дар шакли зер ба низом даровардааст (Ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.**

**Вазифаҳо ва принсипҳои асосии танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

| № | Вазифаҳои асосии аз тарафи давлат иҷрошаванда | Принсипҳои асосии танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ |
|---|---|---|
| 1. | Танзими ҳуқуқии фаъолияти хоҷагидорӣ дар бахши иқтисоди хориҷӣ | Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ҷузъи таркибии сиёсати хориҷии кишвар ба ҳисоб меравад. Афзалият ба тадбирҳои иқтисодии идоракунӣ дода мешавад |
| 2. | Таҳия ва татбиқи сиёсати иқтисодии хориҷӣ, аз ҷумла сиёсати пулию қарзӣ, тартиби муқарраркунии квотаҳову додани иҷозатнома ва дигар амалиёти иқтисодии хориҷӣ | Ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо ҳамаи давлатҳо, шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ |
| 3. | Бастан ва амалӣ намудани созишномаҳои байниҳукуматию шартномаҳои байналмилалӣ дар бахши фаъолияти иқтисодӣ ва тиҷоратии хориҷӣ | Баробарии тарафҳо ва дахл накардан ба корҳои дохилии шарикони ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ |
| 4. | Ҳифзи манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ | Иҷрои уҳдадориҳо мутобиқи созишномаҳои бо дигар давлатҳо ва ё намояндагони онҳо (шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва ташкилоти байналмилалӣ) басташуда ва дигар меъёру қоидаҳо ва шартномаҳои байналмилалӣ |
| 5. | Намояндагӣ дар созмонҳо ва иттиҳодияҳои байналмилалии иқтисодӣ | Таъмини ягонагии низоми танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва назорат аз рӯйи татбиқи он |
| 6. | Дигар салоҳиятҳои дар Конститутсияи ҶТ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии кишвар пешбинишуда | Таъмини амнияти иқтисоди миллӣ, бо назардошти манфиатҳои давлатӣ |

Муаллиф таҳия намудааст.

Дар диссертатсия қайд мешавад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзудани самаранокии ҳамкориҳои мутақобилаи иқтисодҳои миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро мебояд афзалиятҳои иқтисодии худро фаъолона ба арсаи байналмилалӣ барорад. Муаллиф, бо назардошти ин, ки дар ҳудуди ИДМ кишварҳо дар гузашта ба муддати зиёди таърихӣ дар доираи низоми ягонаи институтсионалӣ амал мекарданд, таъмини рушди босуръат ва самараноки муносибатҳову равобити иқтисодии кишварҳои ИДМ-ро ногузир арзёбӣ мекунад. Бинобар ин, такмилу тақвияти ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои ИДМ ва аз ҷумла бо ҷумҳуриҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ (Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Туркманистон) дар бахши фаъолияти иқтисодии хориҷии сиёсати Тоҷикистон мавқеи хоса дорад.

Дар баробари ин, муаллиф як қатор омилҳои объективиеро дарҷ мекунад, ки инкишофи равандҳои ҳамгироиро хеле мураккаб кардаанд. Омилҳои мазкур пеш аз ҳама ба он вобастаанд, ки дар раванди ҳамгироӣ дар ҳудуди кишварҳои аъзои ИДМ ниҳодҳое амал мекунанд, ки аз рӯйи зарфиятҳои иқтисодӣ, хусусиятҳои

сохтори хоҷагидорӣ ва сатҳи рушди иқтисодӣ аз ҳамдигар комилан фарқ мекунанд.

**Дар боби дуюми диссертатсия** вазни кунунии танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ таҳлил гардида, муаммоҳои асосии танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ муайян шудааст. Дар натиҷаи таҳлил маълум карда шудааст, ки нишондиҳандаи қарзи умумии берунаи Тоҷикистон бар сари ҳар аҳолӣ миёни кишварҳои ИДМ назар ба як қатор кишварҳо хеле паст аст. Инкишофи заиф ва механизмҳои такмилталаби тиҷорати хориҷиро дар доираи ИДМ-ро аз рӯйи гардиши тиҷоратии кишварҳои иттиҳод мушоҳида кардан мумкин аст. Татбиқи муносибатҳои тиҷоратии гуногунҷанба берун аз доираи ИДМ ба камшавии гардиши молу ашё миёни худи кишварҳои ИДМ оварда расонда, барои густариши муносибатҳои ҳамкорӣ бо кишварҳои дури хориҷӣ замина мегузорад (Ҷадвали 3).

**Ҷадвали 2.**

**Гардиши тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи минтақаҳои ҷаҳон барои солҳои 2013-2019 (млн долл. ИМА).**

| № | Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | Соли 2019 бо % нисбат ба соли 2013 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | |
| 1 | Гардиши савдои хориҷӣ, дар маҷмӯъ | 4988,8 | 5274 | 4326,2 | 3929,9 | 3972,9 | 4224,3 | 4523,7 | -90,6 |
| 2 | Кишварҳои ИДМ | 2093,0 | 2405,7 | 2045,4 | 1968,0 | 2086,9 | 2348,3 | 2521,1 | 120,4 |
| 3 | Кишварҳои боқимондаи ҷаҳон, аз ҷумла кишварҳои Иттиҳоди Аврупо | 2895,8 | 2869 | 2280,8 | 1961,9 | 1886,0 | 1876,0 | 2002,6 | 69,1 |

Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводи Агентии омори назди Президенти ҶТ – “Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, соли 2020, С.455 таҳия шудааст.

Дар марҳилаи таҳлилшаванда гардиши тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ИДМ ва кишварҳои боқимондаи ҷаҳон тамоюли коҳишёбӣ дорад. Агар дар соли 2013 гардиши тиҷорати хориҷии ҷумҳурӣ 4988,8 млн долл. ИМА бошад, нишондиҳандаи мазкур дар соли 2019 то 4529,3 млн долл. ИМА ва ё 9,4 % коҳиш ёфтааст. Гардиши савдои хориҷӣ бо кишварҳои ИДМ дар соли 2013 2093,0 ва дар соли 2019 бошад 2521,1 млн долл. ИМА ё худ 20,4% афзудааст. Гардиши савдои хориҷӣ бо кишварҳои боқимондаи ҷаҳон дар марҳилаи таҳлилшаванда ҳамчунин аз 2895,8 млн долл. ИМА дар соли 2013 то 2002,6 млн долл. ИМА дар соли 2019 коҳиш ёфтааст. Ин коҳишёбӣ дар қиёси фоизӣ нисбат ба соли 2013 -30,9 %-ро ташкил медиҳад. Дар қиёси фоизӣ гардиши тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ИДМ тамоюли

афзуншавӣ дорад. Агар миқдори он дар ҳаҷми умуми гардиши хориҷии молу ашё дар соли 2013 42,0 %-ро ташкил дода бошад, пас дар соли 2019 ба 13,6 % зиёд шуда, 55,7%-ро ташкил додааст. Мутаносибан ин нишондиҳанда бо кишварҳои боқимондаи ҷаҳон аз 58,0% то 44,4 % коҳиш ёфтааст.

Нишондиҳандаи асосие, ки дараҷаи рушди иқтисоди бозоргонӣ ва муносибатҳои иқтисодии хориҷиро муайян менамояд, ин гардиши тиҷорати хориҷӣ мебошад. Аз рӯйи ҳаҷми он (ҳаҷми содироту воридот) ва бақияи амалиёти савдои хориҷӣ, дар маҷмӯъ, вазъи иқтисодии кишварро арзёбӣ кардан мумкин аст. Агар ҳаҷми содирот аз воридот зиёд бошад, ин аз рушди иқтисодӣ, тараққиёти истеҳсолоти ватанӣ ва коҳишёбии вобастагии кишвар аз воридот шаҳодат медиҳад. Дар сурати афзунии ҳаҷми воридот нисбат ба содирот, аз ҷумла дар мисоли Тоҷикистон, метавон оид ба таъсирпазирии иқтисоди миллӣ аз омилҳои беруна ва вобастагӣ аз воридот сухан кард. Дар Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2019 гардиши савдои хориҷӣ аз 3851,6 то 4523,7 млн долл. ИМА афзудааст (ниг. Ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3.**

**Тағйирёбии ҳаҷми гардиши тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2019 (млн долл. ИМА).**

| Сол | Гардиш | Содирот | Воридот | Бақия |
|---|---|---|---|---|
| **2010** | 3851,6 | 1194,7 | 2656,9 | -1462,2 |
| **2011** | 4463,3 | 1257,3 | 3206,0 | - 1948,7 |
| **2012** | 5138,1 | 1359,7 | 3778,4 | - 2418,7 |
| **2013** | 4988,8 | 943,4 | 4045,4 | - 3102 |
| **2014** | 5274,7 | 977,3 | 4297,4 | **- 3320,1** |
| **2015** | 4326,2 | 890,6 | 3435,6 | - 3545 |
| **2016** | 3929,9 | 898,7 | 3031,2 | - 2132,5 |
| **2017** | 3972,9 | 1198,0 | 2774,9 | -1576,9 |
| **2018** | 42243 | 1073,3 | 3151,0 | -2077,7 |
| **2019** | 4523,7 | 1174,4 | 3349,3 | -2174,5 |

Манбаъ: Маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти ҶТ. Душанбе, 2011. – С.580-585; Солномаи омории ҶТ, 2020. – С.344.

Чунончи аз маводи ҷадвали 4 маълум мешавад, дар давраи солҳои 2010-2018 ҳаҷми воридот аз содирот зиёд буда, бақияи савдои хориҷӣ дида мешавад. Дар ҷараёни таҳлили муносибатҳои тағйирёбандаи тиҷоратии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон динамикаи гардиши тиҷорати хориҷӣ дар давраи солҳои 2005-2019 аз рӯйи нишондиҳандаҳои арзёбикунандаи дараҷаи кушодагии иқтисодиёти мамлакат мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дараҷаи кушодагии иқтисодиёт – ин муқоисаи гардиши савдои хориҷӣ ва маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мебошад, ки баёнгари ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мебошад. Ҳаҷми ниҳоии гардиши савдои хориҷӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ соли 2019 55,2 фоизро ташкил дода, нисбат ба соли 2005 беш аз 49,6 фоиз коҳиш ёфтааст.

**Ҷадвали 4.**

**Динамикаи нишондиҳандаи кушодагии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2005-2019.**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2005 | 2010 | 2018 | 2019 | Рушд нисбат ба соли 2005, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ММД, млн. долл. | 2335,6 | 5657,5 | 68844,0 | 8198,0 | 351,0 |
| 2. | Гардиши савдои хориҷӣ, млн. долл. | 2238,5 | 3851,6 | 42243 | 4523,7 | 202,1 |
| 3. | Ҳисса дар ММД, % | 95,8 | 68,0 | 61,3 | 55,2 | - 49,6 пп |
| 4. | Ҳаҷми содирот, млн. долл. | 908,7 | 1194,7 | 1073,3 | 1174,4 | 129,2 |
| 5. | Ҳисса дар ММД, бо % | 38,9 | 21,1 | 15,6 | 14,3 | - 24,6 пп |
| 6. | Ҳаҷми воридот, млн. долл. | 1330,1 | 2656,9 | 3151,0 | 3349,3 | 231,8 |
| 7. | Ҳисса дар ММД, бо % | 56,9 | 46,9 | 45,7 | 40,8 | -16,1 |

Манбаъ: Маҷмӯаи омории Агенти омори назди Президенти ҶТ. Душанбе, 2011. – С.580-585; Солномаи омории ҶТ, 2020. – С.7-9,199

Коҳишёбии нишондиҳандаи мазкур аз як тараф аз афзоиши ҳаҷми иқтисоди миллӣ (ММД) ва аз тарафи дигар бошад аз тақвияти муносибатҳо дар бахши савдои хориҷӣ ва наздикшавии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хоҷагии ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад. Маводи ҷадвали 5 вобастагии баёни суръати рушди ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ ва суръати афзоиши ММД-ро нишон медиҳад. Мутобиқи маълумотҳои оморӣ, ҳиссаи гардиши савдои хориҷӣ дар ММД дар давраи таҳлилшаванда то -34,5 % коҳиш ёфтааст. Ҳарчанд дар афзоиши солонаи содирот каме ҳам бошад пешравӣ дида мешавад, вале ҳиссаи он дар ММД аз 38,9 % соли 2005 дар соли 2019 то 15,6 % кам шудааст. Ҳамчунин, ҳиссаи воридот дар ММД дар давраи таҳлилшаванда тамоюли камшавӣ дорад, вале дар муқоиса бо содирот ҳамоно бештар боқӣ мемонад.

Дар диссертатсия бар асоси таҳлили ретроспективӣ маълум карда шудааст, ки дар солҳои аввали воридшавии Тоҷикистон ба равобити иқтисодии хориҷӣ бо кишварҳои дуру наздик гурӯҳи молу ашёи содиротшавандаро номгӯйи маҳдуди молу маҳсулот, махсусан пахтаву алюминий ташкил медод. Дар солҳои 2000-2008 дар иқтисоди ҷаҳонӣ болоравии нархи молҳое чун алюминий ва ашёи хоми пахта, ҳамчунин, металлҳои ранга, ки асоси содироти Тоҷикистонро ташкил медоданд, ба мушоҳида мерасид. Болоравии нарх ва афзоиши талабот ба маҳсулоти мазкур асоси болоравии истеҳсолот дар кишвар ва таъмини гардиши савдои хориҷӣ гардид. Дар ин давра солҳои 2005-2007 ҳиссаи ҳаҷми содирот дар ММД ба ҳисоби миёна беш аз 42,2%-ро ташкил дод. Ҳаҷми содирот дар соли 2006 назар ба соли қабл 53,9 % зиёд шуд. Афзоиши ҳаҷми содирот ва ҳиссаи он дар ММД – ин болоравии даромади дохилии иқтисоди ватанӣ, фазои мусоиди иқтисодии хориҷӣ барои ҷумҳурӣ мебошад. Аммо бо пеш омадани буҳрони молиявии ҷаҳонӣ ин нишондиҳанда дар давраи солҳои 2008-2010 то 19,5 % коҳиш ёфт, яъне ба ҳисоби

миёна 22,7 % ташкил намуд. Баъд аз соли 2010 то соли 2019 ҳаҷми содирот дар ҷумҳурӣ каме афзуд. Ҳиссаи содирот дар давраи таҳлилшаванда аз 21,1% ММД дар соли 2010 то 14,3% ММД дар соли 2019 коҳиш ёфт. Коҳишёбӣ аз ҳисоби камшавии ҳаҷми содироти маҳсулоти растанӣ, маҳсулоти саноати кимиё, ашёи хоми пӯст, пӯст, пашм, ашёи хоми мӯина ва маҳсулоти аз онҳо омодашаванда, маҳсулоти нассоҷӣ, металлҳои сиёҳ ба амал омад. (Ниг. Ҷадвали 5)

Камшавии ҳаҷми содирот, алабатта, боиси заъфи сармоягузориҳои дохилӣ ва вобаста ба бузургии мултипликатор коҳишёбии сатҳи даромад мешавад.

**Ҷадвали 5.**

**Динамика ва сохтори содирот аз Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. долл. ИМА)**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | Афзоиш бо % нисбати 2013с. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҳаҷми содирот, млн. долл. | 943,4 | 977,3 | 890,6 | 898,7 | 1198,0 | 1073,3 | 1174,4 | **124,5** |
| | **Аз ҷумла:** | | | | | | | | |
| 2. | Маҳсулоти растанӣ | 53,2 | 40,5 | 39,5 | 28,3 | 25,9 | 20,1 | 26,9 | 50,5 |
| 3. | Маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ, нӯшокиҳои спиртӣ ва ғайриспиртӣ, тамоку ва ивазкунандаҳои он | 1,2 | 2,1 | 2,3 | 4,1 | 5,0 | 3,8 | 5,1 | 425,0 |
| 4. | Маҳсулоти мнералӣ | 136,2 | 227,2 | 204,1 | 307,2 | 487,1 | 544,4 | 459,3 | 337,2 |
| 5. | Махсулоти саноати кимиё | 0,9 | 0,7 | 0,7 | 2,2 | 2.8 | 8,0 | 8,1 | 900,0 |
| 6. | Ашёи хоми пӯст, пӯст, пашм, ашёи хоми мӯина ва маҳсулоти он | 3,5 | 3,8 | 3,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,7 | 77,1 |
| 7. | Нассоҷӣ ва маҳсулоти нассоҷӣ | 227,2 | 166,0 | 171,0 | 153,1 | 181,8 | 226,4 | 200,5 | 88,2 |
| 8. | Марворид, металлҳои қиматбаҳо ва ғайра | 76,7 | 146,3 | 207,6 | 99,3 | 213,8 | 2,0 | 225,8 | 294,4 |
| 9. | Металлҳои сиёҳ | 385,8 | 243,0 | 232,1 | 225,4 | 229,4 | 235,4 | 218,0 | 56,5 |
| 10. | Мошинаҳо, таҷҳизот, механизмҳо, қисмҳои он ва ғайра | 26,5 | 11,1 | 14,6 | 18,4 | 14,9 | 10,6 | 7,0 | 26,4 |
| 11. | Воситаи нақлиёти рӯйизаминӣ, ҳавоӣ ва обӣ | 25,7 | 14,8 | 10,5 | 39,2 | 25,9 | 16,3 | 16,0 | 62,2 |
| 12. | Дастгоҳҳои оптикӣ, асбобҳои мусиқӣ, соат ва ғайра | 3,4 | 4,1 | 2,5 | 16,9 | 6,5 | 0,6 | 0,9 | 26,4 |

Ҳисобҳои муаллиф аз рӯйи: Солномаи омории Агентии омори назди Президенти ҶТ. – Душанбе, 2020. – С.357-358.

Чунончи аз ҷадвал маълум аст, динамика ва сохтори содирот аз Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ аз соли 2013 то 2019 тамоюли зиёдшавӣ дорад. Ҳаҷми содирот дар соли 2019 ба 1174,4 млн долл. ИМА баробар шуд, ки аз эҳёшавии истеҳсолоти маҳсулоте чун маҳсулоти минералӣ, каме ҳам бошад маҳсулоти саноати кимиё, ашёи хоми пӯст, пӯст, пашм, ашёи хоми мӯина ва маҳсулоти аз он омодашаванда, маводи тайёри хӯрокворӣ, нӯшокиҳои спиртӣ ва ғайриспиртӣ, тамоку ва ивазкунандаҳои он шаҳодат медиҳад. Содироти металлҳои қиматбаҳо то соли

2017 тамоюли афзуншавӣ дошта, дар соли 2019 бошад ғайричашмдошт то -194% зиёд шудааст.

Барои ин Ҷумҳурии Тоҷикистонро мебояд ҷиҳати афзудани зарфияти содиротии кишвар тадбирҳо андешад. Бо назардошти вазъи мазкур, муаллиф таъкид мекунад, ки зимни таҳия ва татбиқи сиёсати содиротӣ роҳандозии тадбирҳои ба содирот мусоидаткунанда, ташкили шароити мусоид барои содироти молҳо, эҷоди нақшаи логистикии ҳамлу нақли молу хидматрасониҳо, таъмини истеҳсолкунандагон бо иттилооти марбут ба вазъи бозори ҷаҳонӣ, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии молҳо, дида баромадани стандартҳо бо назардошти нафъи маҳсулоти ватанӣ ва ташкили намояндагиҳои тиҷоратӣ дар кишварҳои гуногун зарур аст. Дар доираи татбиқи ҳадафи чоруми стратегии мамлакат – саноатикунонии босуръати кишвар Тоҷикистонро мебояд зимни ташкили корхонаҳои нави саноатӣ ҳамчунин манбаъҳои таъмини ашёи хомро ба инобат гирад.

Дар диссертатсия асоснок мегардад, ки ба ҳайси яке аз самтҳои афзалиятноки рушди муносибатҳои байналмилалӣ диверсификатсияи шаклҳои гуногунҷабҳаи ҳамкориҳо мебошад. Шаклҳои анъанавии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ аз савдои хориҷӣ ва ҳамкориҳо дар бахши сармоягузорӣ, ки ба ҳаракати сармоя марбут аст, иборат мебошад. Дар баробари ин, ҳамкориҳо дар соҳаи илму техника ва кооператсияи саноатӣ ҳамчун самтҳои мустақил амал мекунанд. Самти дигари афзалиятнок танзими муносибатҳои пулию молӣ мебошад. Татбиқ, идоракунӣ ва танзими ин самтҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ тавассути шаклҳову методҳои танзими давлатӣ ба амал бароварда мешаванд. Яке аз муҳимтарин самтҳои муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ин савдои хориҷӣ мебошад. Дар Тоҷикистон имрӯзҳо марҳилаи воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашудаи иқтисодиёт ба мушоҳида мерасад. Барои танзими боз ҳам самараноку танзими муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ, махсусан савдои хориҷӣ ва ҳаракати сармоя дар кишвар “Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” қабул гардид. Ҳамчунин, Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Дар доираи барномаи мазкур тадбирҳо ҷиҳати дастгирии соҳаҳои ба содирот нигаронидашуда пешбинӣ шудаанд.

Ҳамчунин, дар диссертатсия ҳолати амали механизмҳои шаклҳои маъмурӣ ва иқтисодии идоракунӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Диққати асосӣ ба аҳамияти методҳои иқтисодии танзими давлатии муносибатҳои савдои хориҷӣ зоҳир мегардад. Миёни онҳо таваҷҷуҳи хоса ба масоили ҷонноксозии содирот ҳамчун асос барои рушди фаъолияти савдои хориҷӣ ва таъмини устувории иқтисоди миллӣ зоҳир шудааст. Он метавонад бо мақсади таъмини кафолати фоида тавассути мабалғгузории мустақими истеҳсоли маҳсулот ҷиҳати содирот дар шакли пардохт аз буҷети давлат ба субъектҳои дотатсия бо мақсади пӯшонидани фарқияти нархи истеҳсол ва нархи содиротӣ амалӣ шавад. Методҳои таърифӣ ва ғайритаърифии танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ тасниф шудааст (ниг. Ҷадвали 6)

**Ҷадвали 6.**

**Методҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ**

| | **Методҳо** | | **Моҳият** |
|---|---|---|---|
| **1.** | **Таърифавӣ** | | Низоми боҷҳои гумрукӣ |
| **2.** | **Ғайритаърифавӣ** | ***бевосита (миқдорӣ)*** | Додани ҳиссаву иҷозатнома, маҳдудияти ихтиёрӣ, боҷҳои зиддифасод ва ҷубронкунанда |
| | | ***бавосита (ғайримиқдорӣ)*** | Пинҳонӣ: стандартҳо, расмиёти маъмурӣ ва гумрукӣ |
| | | | *Молиявӣ:* амонатҳои воридотӣ, субсидияҳо, қарзи содиротӣ |
| **3.** | **Муқаррароти таърифавӣ** | | Пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва пардохтҳои дохилӣ (андоз аз нархи иловашуда), барасмиятдарории гумрукӣ |

Манбаъ: аз ҷониби муаллиф омода шудааст.

Вазъи танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ аз ҷониби муаллиф таҳлил гардида, проблемаҳои асосии объектҳои он (савдои хориҷӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳамкориҳои илмӣ-техникӣ) ва ҳамчунин воситаҳои асосии танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (низоми гумрукӣ ва андоз, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ғ.) муайян карда шудааст. Чунончи маълум мешавад, дар ҷумҳурӣ методҳои маъмурии танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ки боиси пайдоиши омилҳои субъективии бозорандаи рушди бахши хориҷии иқтисодиёти кишвар мегардад, бартарият дорад.

**Дар боби сеюми диссертатсия** самтҳои асосии такмил додани масъалаҳои методологии робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва зарурати дастгирии давлатии содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок гардидаанд. Диссертант ба он бовар дорад, ки дар шароити муосир зарурати тавсеаи нақши давлат дар низоми муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва рушди он ба миён омадааст. Давлат ҳамчун танзимкунандаи сиёсати иқтисодии хориҷии кишвар вазифадор аст, ки сиёсати иқтисодии хориҷии мамлакатро бо назардошти манфиатҳои иқтисоди миллӣ ва афзалиятҳои дарозмуддат таҳия ва татбиқ намояд. Муаллиф асоснок мекунад, ки дар раванди танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ банақшагирии стратегии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва тавсеаи доираи ҳамкорони тиҷоратӣ ва ҳамкорон дар бахши содирот зарур мебошад. Банақшагирии стратегии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ бояд ба таъмини рақобатпазирии соҳаҳои ба содирот нигаронидашуда иқтисоди миллии кишвар мусоидат кунад. Дар банақшагирии стратегӣ ислоҳоти институтсионалии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ки вазифаҳои асосиаш такмили сиёсати иқтисодии хориҷӣ бо назардошти муайянсозии самтҳои афзалиятнок, диверсификатсияи муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ мебошад, ҷойгоҳи махсус дорад

Дар рисола ду самти муҳимми муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ дар партави танзими давлатӣ арзёбӣ гардидааст: а) шаклҳои тиҷоратӣ-иқтисодии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва б) шаклҳои истеҳсолӣ-сармоягузории муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ. Дар доираи самти аввал такмили методҳои танзими муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ, бо назардошти мусоидат ба рушди

содирот ва тарҳи воридотивазкунандаи рушди иқтисодӣ, пешбинӣ гардидааст. Ин ҷо зарурати таъмини рушди истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва воридотивазкунанда тавассути роҳандозии тадбирҳо ҷиҳати ҷонноксозии соҳаҳои мазкур ва ташкили шароит барои рушди онҳо асоснок мешавад. Дар дораи самти дувум, яъне шаклҳои истеҳсолӣ-сармоягузории муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ масоили беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ барои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ пешбинӣ шудааст. Натиҷаҳои иқдоми мазкур метавонад рушди устувори иқтисодии кишвар ва болоравии сатҳу сифати зиндагии аҳолиро дар шароити муосир, ки мақсади асосии давлат мебошад, таъмин созад (Расми 2).




**Расми 2. Механизмҳои таъсири муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ба рушди иқтисодиёти кишвар.**

Рисоланавис нақшу роҳҳои такмили самтҳои асосии танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷиро ҷиҳати эҷоди муҳити зарурӣ барои рушди ҳамкориҳои илмӣ-техникии байналмилалӣ дар самти истеҳсоли молу хидматрасониҳои ба содирот нигаронидашуда асоснок кардааст. Пеш аз ҳама, ба фаъолноксозии ҳамкориҳои ниҳодҳои ҳама сатҳҳои ҳукуматӣ ҷиҳати ташкили корпоратсияҳои истеҳсолӣ бо иштироки сармояи хориҷӣ ишора мешавад. Дар бахши воридот бошад, муаллиф диққати асосиро ба ташкили низоми ҷонноксозӣ (тавассути воситаҳои низоми андозу гумрук) равона мекунад, зеро ин низом воридоти дастгоҳҳои сатҳи баланди технологӣ ва таъмини корхонаҳои истеҳсолро бо техникаҳои муосир таъмин карда, ба татбиқи барномаи саноатикунонии босуръат ва рушди инноватсионӣ-саноатии кишвар мусоидат мекунад. Самтҳои асосии таҳкмили механизмҳои ташкилии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ пешниҳод гардидаанд, ки пеш аз ҳама тавассути такмили асосҳои институтсионалие чун квотаҳо, иҷозатномадиҳӣ, қонунгузории зиддимонополӣ, банақшагирӣ, назорат ва ҳимояи моликияти хусусӣ амалӣ мешаванд.

Ба андешаи муаллиф, танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ талаб мекунад, ки Стратегияи рушди фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарозмуддат бо фарогирии равандҳои рушди самтҳои афзалиятноки сектори хориҷӣ, миқёси рушди тарҳи воридотивазкунӣ ва мусоидат ба содироти ба беҳтарсозии эътибори кишвар нигаронидашуда таҳия ва татбиқ гардад. Асосҳои консептуалии ташаккули комплекси иқтисодии хориҷӣ ва инфрасохтори он дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он, инчунин, воситаҳои муосири таъминоти иттилоотӣ (рақамикунонӣ)-и равандҳои ҳамоҳангсозӣ, идоракунӣ ва танзими фаъолияти иқтисодии хориҷии бар асоси технологияҳои пешқадами иттилоотӣ роҳандозишуда пешниҳод шудааст. Барои таъмини ташаккули рушди устувори муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ самтҳои асосии такмили механизмҳои танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ пешниҳод шудаанд (Расми 3).

Дар рисола як қатор назарияҳои муайянкунандаи асосҳои ғоявии такмили механизмҳои дастгирии давлатии рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар ҳама сатҳҳои иқтисодиёт бо фарогирии дастгириҳои ташкилӣ, иттилоотӣ, тавсиявӣ, молиявӣ ва дигар дастгириҳои рушди муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ пешниҳод шудааст. Имрӯзҳо бо шарофати талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти роҳандозии тадбирҳои комплексивӣ ҷиҳати дастгирии давлатии содирот (молиявӣ, сиёсӣ-дипломатӣ, иттилоотӣ-тавсиявӣ), монеаҳои маъмурие, ки ба тавсеаи содироти маҳсулоти тайёр ва танзими тартиби воридот монеа мешуданд, то андозае бартараф шудаанд. Аммо, ба андешаи муаллиф, сатҳи пасти истифодаи усулҳои иқтисодии танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мушоҳида мешавад. Дар самти такмили усулҳои иқтисодии танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ муаллиф оид ба ҷуброни давлатии хароҷоти ҳамлу нақли марбут ба амалисозии қарордодҳои иқтисодии хориҷӣ (хароҷот барои дарёфти сертификат, бақайдгирӣ, дарёфти иҷозатнома, барасмиятдарории бор ва ғайра) тавсияҳо пешниҳод кардааст. Самтҳои асосии такмили низоми имтиёзҳои тарифӣ ва авлавиятҳо, квотаҳои тарифӣ, роҳҳои қабули қоидаҳои муқаррар намудани авлавиятҳои тарифӣ, бо назардошти баромади молҳо ва ҳамчунин, аз нав дида баромадани гурӯҳҳои кишварҳое, ки нисбаташон афзалиятҳои тарифӣ муқаррар шудааст, пешниҳод шудааст.




**Расми 3. Такмили механизмҳои танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ.**

Дар рисола таваҷҷуҳи махсус ба такмили механизмҳои байнидавлатии танзими кооператсияи байналмилалии истеҳсолот, ки ба рушди сектори воқеии иқтисодиёти кишвар мусоидат мекунад, дода шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки шартҳои муҳимми кооператсияи байналмилалии истеҳсолот ин муддати дароз ва сермаҳсулии робитаҳои хоҷагидорӣ, хусусияти истеҳсолии онҳо, фаъолияти муштараки иттилоотӣ дар доираи сарфаи хароҷот, такмили истеҳсолот, тавсеаи самаранокии меҳнат, сифати маҳсулот, ки дар ниҳоят самаранокии истеҳсолот ва рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшавандаро таъмин мекунанд, мебошанд. Ин фарзияҳо аз он бармеояд, ки коопертсияи истеҳсолӣ дар ҳама марҳилаҳои фаъолияти иқтисодӣ – шурӯъ аз раванди пешазистеҳсолӣ то фурӯши маҳсулоти тайёр паҳн мешавад. Бо мақсади мушаххассозии самтҳои такмили танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ муаллиф шаклҳои кооператсияҳои истеҳсолӣ (корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-сохторӣ, корхонаҳои муштарак, лоиҳаҳои муштарак ва ғайра)-ро ба синфҳо ҷудо кардааст. Ба шакли нисбатан мураккаб ва самараноки коопертсияи байналмилалии истеҳсолӣ корхонаҳои муштарак шомиланд, ки барои иҷрои уҳдадориҳои худ бисёр манфиатдоранд, зеро аъзои он аз рӯйи принсипи иштироки ҳиссавии шарикон дар сармоя, идоракунӣ, тақсимоти фоидаву таваккал фаъолият мекунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир теъдоди корхонаҳои муштарак бо иштироки сармояи хориҷӣ афзоиши қавӣ дорад. Чунончи аз маводи ҷадвали 7 бармеояд, дар ҷумҳурӣ дар соли 2018-ум 649 корхонаи муштарак фаъолият мекард, ки дар муқоиса бо соли 2010 теъдодашон ба 500 воҳид ва ҳаҷми маҳсулоти татбиқшуда беш аз 6 маротиба афзудааст. Сармоягузории мустақим ва ташкили корхонаҳои муштарак аз мавҷудияти фазои сармоягузорӣ ва рушди инфрасохтори минтақаҳои ҷумҳурӣ вобаста аст.

**Ҷадвали 7.**

**Теъдоди корхонаҳои муштарак дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо | Тоҷикистон | | ш. Душанбе | | Вилояти Суғд | | Вилояти Хатлон | | Ноҳияҳои тобеи марказ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Теъдод | Ҳаҷми татбиқ маҳсулот, млн. сомонӣ | Теъдод | Ҳаҷми татбиқ маҳсулот, млн. сомонӣ | Теъдод | Ҳаҷми татбиқ маҳсулот, млн. сомонӣ | Теъдод | Ҳаҷми татбиқ маҳсулот, млн. сомонӣ | Теъдод | Ҳаҷми татбиқ маҳсулот, млн. сомонӣ |
| **2010** | 149 | 1735,1 | 112 | 890,5 | 22 | 732,9 | 3 | 2,6 | 12 | 109,1 |
| **2011** | 157 | 1804,1 | 128 | 841,5 | 20 | 956,1 | 3 | 2,9 | 5 | 3,6 |
| **2012** | 158 | 2630,7 | 129 | 1658,6 | 20 | 942,5 | 3 | 3,7 | 5 | 17,5 |
| **2013** | 172 | 3178,8 | 143 | 2346,4 | 19 | 816,2 | 3 | 3,2 | 6 | 13,0 |
| **2014** | 190 | 3282,7 | 159 | 2299 | 21 | 969,9 | 2 | 3,6 | 7. | 8,4 |
| **2015** | 221 | 3818,1 | 190 | 2549,7 | 21 | 1243,9 | 1 | 0,3 | 8 | 21,4 |
| **2016** | 266 | 6395,0 | 216 | 2950,7 | 21 | 1862,9 | 23 | 1567,6 | 5 | 8,1 |
| **2017** | 373 | 7041,7 | 319 | 3240,9 | 21 | 2072,4 | 27 | 1712,2 | 5 | 5,5 |
| **2018** | 649 | 10751,0 | 507 | 5331,9 | 34 | 2561,1 | 29 | 2418,9 | 78 | 431,3 |

Манбаъ: Солномаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. – С.230.

Вобаста ба он, ки чунин шароит дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд мавҷуд аст, теъдоди бештари корхонаҳои муштарак дар онҳо қарор дошта, самаранокии онҳо нисбат ба нишондиҳандаҳои миёнаи ҷумҳурӣ ва дигар минтақаҳо бештар аст.

Дар диссертатсия як қатор пешниҳодҳо ва тавсияҳои асоснок ҷиҳати таҳкими механизмҳои ташкилии танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ барои тамоми сатҳҳои ниҳодҳои давлатӣ оварда шудааст. Пеш аз ҳама, барои фаъолсозии раванди воридшавии корхонаҳои ватанӣ ба равобити байналмилалии кооперативӣ ва таъмини коопертсияи истеҳсолии байналмилалӣ дар сектори саноатӣ зарур аст, ки ҳукумат барои ташкили гурӯҳҳои молиявӣ-саноатӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он мусоидат намояд. Иқдоми мазкур имкон медиҳад, ки дар доираи ин гурӯҳҳо лоиҳаҳои миллӣ ва байналмилалии сармоягузории ҷавобгӯ ба манфиатҳои тамоми аъзои гурӯҳ ва пеш аз ҳама, корхонаҳои ватанӣ амалӣ карда шаванд. Муаллиф қайд мекунад, ки аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва ҳам институтсионалӣ, ташкили кооператсияи истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ (дар сектори саноатӣ хосатан бар пояи ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Афғонистон) ва дар миқёси кишварҳои ИДМ нисбатан муфид аст. Махсусан ташаккули гурӯҳҳои молиявӣ-саноатии байнидавлатии трансмиллӣ боиси суръат гирифтани равандҳои таъсири сармояи хориҷӣ, технологияи муосир дар кишвар гардида, дастрасиро ба бозори таҷҳизоти баланди технологӣ таъмин мекунад.

Барои баррасии иқтидори воқеии Тоҷикистон дар доираи татбиқи ду самти стратегии рушди ҳамкориҳои байналмиллалӣ ва байниминтақавӣ, муаллиф таҳлили ҳамаҷонибаи ҷиҳатҳои мусбат ва сустро анҷом додааст.

**Ҷадвали 8.**

**Фаъолияти иқтисоии хориҷии Тоҷикистон (паҳлӯҳои қавӣ(S), заиф(W), имкониятҳо(O) ва таҳдидҳо (T))**

| Паҳлӯҳои қавӣ (S) | паҳлӯҳои заиф (W) |
|---|---|
| Мавқеи мусоиди геостратегӣ. Тоҷикистон ба нақлиёти байналмиллалии автомобилӣ дастрасии мустақим дорад; | Рақобатпазирии нокифояи маҳсулот, хидматҳо, фарсудашавии воситаҳои асосӣ ва сатҳи нокофии технологии истеҳсолот имкониятҳои истифодабариро маҳдуд мекунад. |
| Шароити мусоиди табиӣ ва иқлими Тоҷикистон барои ташкили истеҳсолоти экологии кишоварзӣ ва рушди саноати коркард, ки ба содирори маҳсулот тайёр имкон медиҳад; | Ақибмонӣ дар рушди шабаки нақлиёти роҳи автомобилгард аз афзоиши гардиши бор ва мусофирон ба паст шудани суръати афзоиши содирот ва транзит оварда мерасонад; |
| Қувваи кории арзон, ки барои ҷойгир кардани сармояи мустақими хориҷӣ, таъсиси корхонаҳои нав бо сармояи хориҷӣ манфиат бахш аст; | Фарқияти калон дар сатҳи музди меҳнат байни кормандони ватанӣ ва хориҷии корхонаҳои муштарак бо сармояи хориҷӣ; |
| Таъсис ва фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар кишвар бо маҷмӯи чораҳои имтиёзноке, ки диққати ғайрирезидентҳоро ба худ ҷалб мекунад; | Сатҳи сусти рушди инфрасохтори минтақаҳои озоди иқтисодӣ, номукаммалии заминаи ҳуқуқии фаъолияти он; |

| | |
|---|---|
| Ҳузури намояндагони тиҷоратии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ ва ҳузури намояндагиҳои давлатҳои хориҷӣ дар қаламрави Тоҷикистон; | Бақайдгирии нопурраи байналмиллалии ҳуқуқии гузариши срҳади давлатӣ бо Ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Ӯзбекистон, Хитой; |
| Мавҷудияти захираҳои бойи табиӣ, канданиҳои фоиданок, пеш аз ҳама металлҳои ранга ва сангҳои қимматбаҳо, ки манбаи иқтидори таъмини рушди саноати коркард ва аз ин рӯ ба содироти маҳсулоти тайёр мусоидат мекунад; | Афзоиши рушди истихроҷ назар ба саноати коркард, ки дар истеҳсоли маҳсулоти тайёр аз ашёи хоми саноати истихроҷ фаъолият мекунад.<br>Набудани ҳавасмандии сармоягузории хориҷӣ барои истеҳсоли маҳсулоти тайёр; |
| **Имкониятҳо (О)**<br>Ҷалби васеъ ва муназзами сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар ҳангоми татбиқи барномаи чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани ҷаззобияти ҷумҳурӣ ва пешбурди манфиатҳои он дар бозорҳои хориҷӣ; | **Таҳдидҳо (T)**<br>Наздикӣ бо минтақаҳои низоӣ, кадоме аз қисмати ҷануб бо Афғонистон ҳамсарҳад аст; |
| Баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозорҳои хориҷӣ аз ҳисоби ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва навовариҳо, ташаккули брендҳои анъанавӣ; | Омода набудани фаъолияти аксарият корхонаҳои Тоҷикистон дар доираи қоидаҳои СУС, хавфи бад шудани мавқеи онҳоро дар бозорҳои байналмиллалӣ ва байниминтақавии мол, хизматрасонӣ, сармоягузорӣ нишон медиҳад; |
| Тамоюили зиёдшавии шумораи корхонаҳои хориҷӣ ва муштарак дар Тоҷикистон боиси истеҳсоли молҳои ба содирот нигаронидашуда мегарданд; | Мавҷудияти таваҷҷӯҳ ва ҳавасмандкунӣ (домҳои институтсионалӣ, бастани ниҳодҳо) гурӯҳи иштирокчиёни робитаҳои иқтисодии хориҷӣ барои зиёд кардани доира ва ҳаҷми воридот дар Тоҷикистон; |
| Истифодаи равишҳои стратегӣ ва лоиҳаи-барномавӣ дар ташкили робитаҳои тиҷоратии хориҷӣ, пеш аз ҳама ба эҷоди маҷмӯи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ асос ёфтааст, ки ба афоиши ҳаҷми содирот дар ҷумҳурӣ мусоидат мекунад. | Набудани маҳдудият дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки соҳаи робитаҳои иқтисодии хориҷиро танзим мекунанд. |

Муаллиф таҳия намудааст

Дар асоси маълумоти таҳлили SWOT, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки яке аз мушкилоти асосии рушди ҳамкориҳои байналмиллалӣ ва байниминтақавӣ дар Тоҷикистон таваҷҷӯҳи ками ҳукумат ба молистеҳсолкунандагони ватанӣ мебошад, ки монеаи рушди дурнамои онҳо нисбат ба ворид шудан ба бозори байналмиллалӣ аст. ҳамзамон як омили дигари таъсиррасон ба ин ҳолат зиёд будани нишондиҳандаҳои воридот дар Тоҷикистон мебошад. Рақобатпазирии заифии маҳсулоти истеҳсолоти минтақавӣ ва омилҳои пайвастаи он аз набудани технологияи воридотивазшаванда шаҳодат медиҳанд, ки наметавонанд ба ташаккулёбии тамға асос гузоранд. Муаммои дигари ҷиддӣ ин сатҳи номувофиқатии инфрасохтори мавҷуда, ҳам нақлиётӣ ва ҳам таъмини институтсионалии ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ ва афзоиши талаботҳо мебошад. Илова бар ин, нокифоя будани низоми дастгирии содиркунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти воридотивазшаванда аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон узви иқтисоди байналмиллалӣ ва созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар бораи “Савдои озод бо кишварҳои Иттиҳод, ташкили ҳамкориҳои иқтисодӣ ва ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ бо кишварҳои ИДМ” мебошад. Ин созишномаҳо инмон доданд, ки кишвар дар робитаҳои иқтисодии хориҷӣ дар доираи содирот ва воридот ширкат варзад. Инчунин, дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки ҳангоми таҳияи сиёсати давлатӣ, танзими робитаҳои иқтисодии хориҷӣ бояд ҳудуди танзимро муайян кунад. Амалия нишон медиҳад, ки татбиқи сиёсати протексионизм дар шароити муосир боиси иқтисоди пӯшидаи миллӣ мегардад. Протексионизм ва усулҳои гузоштани баланди боҷ, муқаррар кардани квотаҳо, иҷозатномадиҳӣ ва ғ... метавонанд ба ҳаракати озоди молҳо ва хизматҳо менеъа шаванд.

Ба андешаи муаллиф, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати мӯътадили иқтисодии хориҷӣ муҳим аст, ки имконияти ғанӣ гаштани бозор бо молҳои воридотии истеҳсолӣ, кадоме дар кишвар истеҳсоли ин навъи молҳо такмил наёфтааст. Бо вуҷуди ин, қисми зиёди маҳсулоти хӯрокворӣ ва ғайрихӯрокворӣ дар ҷумҳурӣ аз хориҷ ворид карда мешавад ва аз ин рӯ, ҷори намудани фаъолияти шадиди протексионистӣ барои кишвар оқибатҳои манфӣ дорад. Бояд қайд кард, ки солҳои охир Тоҷикистон низ бо молҳои нав (семент, барқ, ва ғайра) ба бозори ҷаҳонӣ ворид шудааст ва дар ин робита, зарурати ба роҳ мондани созишномаҳои тиҷоратӣ бо дигар кишварҳои хориҷии наздик ва дур ба миён меояд. Инчунин, барои таъмини бозори дохилӣ, Тоҷикистон бояд усулҳои маҳдуд кардани содироти баъзе молҳоро ҷорӣ намояд.  Ин амалҳо ба некӯаҳволии иқтисодии аҳолӣ ва рафъи муаммоҳои марбут ба амнияти озуқаворӣ мусоидат хоҳанд кард.

# III. ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОД

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Дар асоси омӯзиши рушди назарияҳои гуногуни танзими робитаҳои иқтисодии хориҷӣ чунин хулоса гардид, ки сиёсати иқтисодии хориҷӣ ва амалияи танзими давлатӣ дар давраҳои гуногун ба равишҳои гуногуни назариявӣ асос ёфтаанд. Дар шароити муосир, вақте, ки раванди интернатсионализатсияи ҳаёти иқтисодӣ шиддат гирифта, давлатҳои алоҳидаи миллӣ бештар ба тақсимоти байналмиллалии меҳнат ворид гашта истодаанд, ки ин ба азнавсозӣ ва такмили стратегияию тактикаи танзими миллии иқтисодии хориҷӣ боис мегардад. Вазифаи асосии давлат ташкили шароити мусоид барои соҳибкорони ватанӣ, дастгирии онҳо дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ мебошад, ки ба амалисозии чораҳои татбиқи ғояҳои неопротексионизм ва ҳифзи бозори миллӣ марбут аст. [1-М, 3-М]

2. Таҳқиқи мавзӯъ бори дигар андеша оид ба алоқаи мутақобилан зичи ҳодисаҳоро дар доираи иқтисоди ҷаҳонӣ тасдиқ мекунад: ҳама кишварҳое, ки ба муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ворид мешаванд, аз тақисмоти байналмилалии меҳнат имконияти истифодаи манфиатҳои бузургро ба даст меоранд, вале ин манфиатҳо дар сурати инкишофи номусоиди шароит метавонанд бо хисороти на камтар аз он ҷойгузин шаванд. Вазифаи танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ дар чунин шароит бар асоси таҳлили илмӣ муайянсозии манфиатҳо, ҳамчунин хавфу хароҷот дар доираи муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, инчунин, таҳияи васоити мусоид баҳри фаъолияти ниҳоят самаранок дар ин самт мебошад. Ҳамин тавр, таҳқиқи мавзӯи илмиро натиҷагирӣ карда, метавон қайд кард, ки танзими давлатӣ чун қисмати назарияи иқтисодӣ ба омӯзиши ҳодисаҳое (аз ҷумла масоиле монанди тиҷорати ҷаҳонӣ, муносибатҳои молиявии байналмилалӣ ва ғ.) машғул аст, ки бинобар мавҷудияти тақсимоти байналмилалии меҳнат ва таҳияи васоити назариявӣ сар мезананд. [2-М]

3. Дар рафти таҳлили асосҳои назариявии нақши давлат дар рушди муносибатҳои иқтисодии хориҷии кишварҳои дорои иқтисоди тағйирёбанда ва ҳангоми таҳқиқи инкишофи нақши давлат дар онҳо аз ҷониби муаллиф ҷараёни зерини муосири иқтисодии хориҷӣ муайян карда шуд: дар робита ба бозшавии тиҷорати ҷаҳонӣ аҳамияти масоили протексионизми озод дар танзими давлатии савдои хориҷӣ коҳиш меёбад, вале ҳамзамон, ҷараёне ба вуҷуд меояд, ки кишварҳои дорои иқтисоди гузаранда ба истифодаи фаъоли масоили неопротексионизм дар шаклҳои гуногуни он – пеш аз ҳама, шаклҳои пинҳонии он шурӯъ мекунанд. Таҳлили ҷараёни муосири тағйирёбии механизмҳои танзими давлатии равобити савдои хориҷӣ нишон медиҳад, ки барои арзёбии илмии равандҳои ҷории муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ назарияи классикии муомилоти байналмилалӣ шарҳи қонеъкунанда дода наметавонад. Ин ҳолат нуқтаи таҳқиқ ҷиҳати баррасии минбаъда ва инкишофи назарияи тақсимоти байналмилалии меҳнат ва мубодилаи молу ашё, таҳияи ғояҳои наву гуногун, назарияҳо гардида, боиси эҷоди механизми нисбатан мусоиди танзими

давлатии рушди фаъолияти савдои хориҷӣ бо назардошти хусусиятҳои иқтисоди миллӣ мегардад.

4. Сабаб ва шартҳои рушди мубодилаи молҳо, оқибатҳои эҳтимолии ташкили низоми дигари савдо тасдиқ карда шудаанд, механизми танзими давлатии муносибатҳои тиҷорати хориҷӣ, ки дар шароити гуногуни таърихӣ инкишоф ёфтааст, на ҳама вақт тибқи назарияи классикии савдои байналмиллалӣ шарҳи мукаммал медиҳад, асоснок гардидааст. Ин ҳолат такони минбаъдаи муҳокима ва рушди назарияҳои тақсимоти байналмиллалии меҳнат ва мубодилаи молҳо, таҳияи ғояҳо ва назарияҳои мухталифи нав мебошад, ки боиси таҳияи механизмҳои оқилонаи танзими давлатии рушди савдои хориҷӣ бо назардошти хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ мегардад;

- Инчунин муайян карда шуд, ки барои фаъолияти самараноки иқтисодии хориҷӣ кишвар бояд шароити муносиби ҷорӣ намудани тиҷорат фароҳам оварда шаванд, кадоме сифати молҳои барои содирот пешбинишударо беҳтар созад ва нақшаи логистикиро ташкил дода, ба ҳаракати озоди молҳо ва хизматҳо аз истеҳсолкунандаи як кишвар то истеъмолкунандаи охирин мусоидат намояд;
- Завқ ва манфиатҳои иқтисодӣ аз робитаҳои иқтисодии хориҷӣ боиси ҳавасманд гардидан барои ворид кардани иқтисодиёти миллӣ ба ин низом мегарданд;
- Мактабҳои иқтисодӣ дар давоми кори худ зарурияти робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва фаъолияти иқтисодии хориҷиро қайд кардаанд. Афзоиши истеҳсолоти миллӣ аз бисёр ҷиҳат ба ин муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсии кишварҳои минтақа ё дар маҷмӯъ ҷаҳон вобаста аст.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо:**

5. Ҳангоми таҳияи сиёсати иқтисодии хориҷӣ ва дастгирии иттилоотии маъмурияти давлатии робитаҳои иқтисодии хориҷӣ бояд мониторинги ҳолат ва тамоюлҳои тағйирёбии ҷузъҳои фаъолияти иқтисодии ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, бахши хориҷии ҷумҳурӣ ташкил карда шавад, ки ҷанбаҳои манфӣ ва мусбати ҳамкориҳои иқтисодии хориҷии байни шарконро таҳлил намоянд. [6-М]

6. Дар шароити ноустувории иқтисоди ҷаҳонӣ ва тағйирнопазирӣ вазъ дар арсаи ҷаҳонӣ, Тоҷикистонро лозим аст, ки стратегияи дарозмуддати рушди фаъолияти иқтисодии хориҷиро таҳия кунад, ки сиёсати самарабахши иқтисодии хориҷиро асосан дар самти таъмини рушди воридотивазкунӣ ва васеъ намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти тайёри истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва ҳимояи манфиатҳои субъектҳои бозори дохилӣ сиёсати муассири иқтисодии хориҷро таъмин кунанд. Инчунин дар шароити муосир Тоҷикистонро зарур аст, ки сиёсати самараноки иқтисодии хориҷиро бо назардошти манфиатҳои бозорӣ дохилӣ таҳия намояд. Бо ин мақсад, дар сатҳи қонунгузорӣ такмил додани механизми идоракунии робитаҳои савдои хориҷӣ тавассути усули аз ҷиҳати илмӣ асосноки ташкили квотаҳо, усулҳои истифодаи назорати воридот ва содирот зарур аст. [3-М]

7. Дар шароити муосир мусоидат намоии давлатро барои беҳтар намудани робитаҳои иқтисодии хориҷӣ дар кишварҳои ИДМ дар самтҳои зерин тақвият додан зарур аст: ташкили кооператсияи саноатӣ, кластерҳои инноватсионӣ-саноатии байналмиллалӣ, шарикии инноватсионӣ, ташкили фазои ягонаи нақлиётии кишварҳои ИДМ, ҳамгирой дар бахши энергетика ва ғайра. [8-М]

8. Барои мустаҳкам намудани ҷойҳгоҳи Тоҷикистон дар низоми тағйиёбии кишварҳои ИДМ, бояд баҳри баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, соддагардонии бақайдгирии соҳибкорон ва ташкили нақшаи логистикӣ шароит фароҳам оварда шавад. Ноил гардидан ба ин ҳадафҳо ба таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар низоми иқтисодии кишварҳои ИДМ мусоидат мекунад. [3-М]

9. Самтҳои асосии танзими давлатии робитаҳои иқтисодии хориҷӣ савдои хориҷӣ, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, ҳамкории илмӣ-техникӣ, боҷҳои гумрукӣ, санадҳои қонунгузорӣ ва ғайра мебошанд. [4-М]

10. Дар шароити муосир, Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо назардошти манфиатҳои бозори дохилӣ сиёсати муосири иқтисодии хориҷро таҳия намояд. Бо ин мақсад дар сатҳи қонунгузорӣ такмил додани механизми идоракунии робитаҳои савдои хориҷӣ бо роҳи муқаррар намудани квотаҳо, истифодаи чораҳои тарифӣ ва ғайритарофавии назорати воридот ва содирот зарур аст;

11. Дар робита ба ҷалби сармоягуорӣ, ба андешаи мо беҳтар намудани фаои сармоягузорӣ дар минтақаҳои кишвар зарур аст, зеро дар баъзе минтақаҳои кишвар инфрасохтори номукаммал мавҷуд аст, ки ба ҷалби сармоя менъа эҷод мекунанд;

12. Дар самти танзими давлатӣ ва ҷойгиркунии захираҳои меҳнатӣ зарур аст, ки дивверсификатсияро истифода бурда аҳолиро бо ҷори корӣ дар бозори дохилии меҳнат таъмин кунанд.

13. Дар кишвар асосан усулҳои маъмурии танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ истифода мешаванд ва зарурати ҳавасмандгардонии усулҳои иқтисодии танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ба миён меояд;

14. Модели дастгирии содирот дар кишварҳои дорои иқтисоди гузариш аз сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар вобаста аст ва наметавонад якхела бошад;

- Барои фаъолияти самараноки иқтисодиёти миллии кишвар дар хоҷагии ҷаҳонӣ ва беҳтар шудани робитаҳои иқтисодии хориҷӣ шароити мусоид барои рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ зарур аст.

- Татбиқи танзими давлатии савдои хориҷӣ бо усулҳои тарифӣ ва ғайритарофавии назорати содирот ва воридот амалӣ карда мешавад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки усулҳои мустақими боҷҳои гумрукие, ки дар давлат татбиқ мешаванд, такмил дода шаванд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳибкории саноатӣ баъзе имтизҳои гумрукӣ пешбинӣ шудаанд. Озодкунӣ аз пардохти боҷҳои гумрукӣ барои ҳавасмандгардонии истеҳсолот, алалхусус барои он истеҳсолкунандагоне, ки фаъолияти онҳо аз воридоти ашёи хом, мошинсозӣ ва технологияи навтарин вобаста аст. Ба усулҳои ғайритарифӣ

дохил мешаванд: квотаҳо, литсензиякунонӣ, маҳдудиятҳои содирот аз ҷониби давлат, боҷи демпингӣ ва зиддидемпингӣ, ки бо татбиқи ин усулҳо Ҳукумати кишвар содирот ва воридоти молҳо ва хидматҳоро ба танзим медарорад.

- Самтҳои асосии такмили робитаҳои иқтисодии хориҷӣ метавонанд, такмил додани ҳамкориҳои илмӣ-техникӣ, такмили робитаҳои иқтисодии хориҷиро дар бар гиранд -ин нақш ва мақоми Тоҷикистонро дар низоми таъмини энергетикии минтақавӣ устувор мекунад. Ҳамгирой ба низоми нақлиётӣ ва логистикӣ қаламравӣ Тоҷикистонро ба транзитӣ табдил медиҳад. Бо ин мақсад, дар кишвар роҳҳо сохта ва таъмир карда мешаванд, ки Тоҷикистонро бо бозори беруна пайваст мекунанд. Дар сурати ба истифода додани роҳҳо, интиқоли маҳсулот аз кишварҳои Осиё ва Русия имконпазир гардида барои кишварҳои ИДМ фазои ягонаи нақлиётӣ таъсис меёбад.

- Самти муҳими танзими давлатии робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ин мусоидат ба содирот ва баланд бардоштани рақобат мебошад. Кишвар аллакай барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунанда дар солҳои 2016-2020 қабул намудааст. Тибқи ин барнома, меъёрҳо барои муайян кардани самтҳои афалиятноке, ки ба содирот дар шароити муосир мусоидат мекунад. Бояд қайд намуд, ки дар самти пешбурди содирот аз ибтидо бояд истеҳсолӣ маҳсулот ва хизматҳоро ба роҳ монда, шароит барои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ фароҳам оварда шавад, на ашёи хом, муаммоҳои институтсионалии рушди содирот ва ғайра. [1-М, 4-М]

# IV. МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ЁФТААСТ:

**А) Мақолаҳои нашршуда дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда:**


[1-А] Дилшоди, М.И. «Трансформация внешнеторговых отношений Республики Таджикистан со странами СНГ» [Текст] / М.И. Дилшоди // Вестник ТГУПБП (научно-теоретический журнал) -2011. № 1 (46).

[2-А] Дилшоди, М.И. Развитие внешнеэкономических отношений Республики Таджикистан со странами СНГ [Текст] / М.И. Дилшоди // Вестник ТГУПБП (научно-теоретический журнал) -2012. № 4.

[3-А] Дилшоди, М.И. Таджикистан в системе трансформирующихся внешнеэкономических отношений стран СНГ [Текст] / М.И. Дилшоди //Вестник ТНУ (серия социально-экономических и общественных наук). Душанбе. - Сино., 2019/№2. С.113-118.

[4-А] Дилшоди, М.И. Основные направления и методы государственного регулирования ВЭД [Текст] / М.И. Дилшоди //Вестник ТНУ (серия социально-экономических и общественных наук). - Душанбе. - Сино., 2020№10.


**Б) Дар дигар нашрияҳо:**


[5-А] Дилшоди, И.М. Основные направления государственного регулирования внешнеэкономической деятельности в современных условиях [Текст] / М.И. Дилшоди, А.Б. Мирсаидов // мат. Международной научно-практической конференции “Использование современных методов упарвления в социально-экономическом развитии Республики Таджикистан” Душанбе: РТСУ, 2020. - 78-84

[6-А] Дилшоди, М.И. Трансформация нормативно-правовые акты миграционных процессов в пространстве СНГ [Текст] / М.И. Дилшоди // мат. международной конференции, Красноярск, 2010, с.89-90.

[7-А] Дилшоди, М.И. Таджикистан в экономических организациях СНГ [Текст] / М.И. Дилшоди // мат. Научно-практической конференции молодых ученых, Душанбе, 2011г. стр.102-108.

[8-А] Дилшоди, М.И. Инновационное партнёрство РФ и Таджикистана в сфере услуг как фактор повышения инновационной способности национальной экономики республики [Текст] / М.И. Дилшоди, А.Б. Мирсаидов // Молодой ученый №2(61) 2014г. ISSN20720297.

[9-А]. Дилшоди, М.И. Совершенствования межгосударственного регулирования международной кооперации производства [Текст] / М.И. Дилшоди, А.Б. Мирсаидов // мат. Научно-практической конференции на тему: «Сотрудничество Республики Таджикистан с Российской Федерацией в новых условиях мировой политики». Худжанд-2016.

# АННОТАЦИЯ

**на диссертационную работу Иброхими Д. М. на тему «Государственное регулирование внешнеэкономических отношений в условиях трансформации экономики» представленной на соискание ученой степени кандидата экономических наук по специальности 08 00 01 – Экономическая теория.**

**Ключевые слова:** *Госрегулирование, внешнеэкономические отношения, механизм управления, импорт, экспорт, внешняя торговля, инновация, экономика, национальная экономика, трансформация.*

**Цель исследования** - развитие теоретических положений и разработки практических рекомендаций по совершенствованию внешнеэкономических отношений и выявление роли и значения государственного регулирования внешнеэкономических деятельности в структурной преобразование национальной экономики и повышение экспортной потенциал республики.

Автор исследовал теоретические основы исследования государственного регулирования внешнеэкономических отношений и совершенствование методов государственного регулирования ВЭО в условиях трансформации национальной экономики.

В диссертационной работе автором проанализированы вопросы либерализации внешнеэкономических отношений особенно внешней торговли, установлена позиция Таджикистана в трансформирующейся системе экономики СНГ, выявлены основные факторы и проблемы, тормозящие вхождение страны в мировые пространства как производителя.

Автор, особо обратил внимание на современное состояние и риски свободной торговли, отсутствие логистической системы для расширения товарооборота с странами партнёров.

Иброхими Дилшод выполнил синтезированный анализ трудов зарубежных и отечественных ученых, посвященных определению концептуальных основ разработки и реализации государственного регулирования ВЭО. Кроме того, диссертант раскрыл особенности механизма разработки и реализации эффективных методов регулирования внешнеэкономических отношениях.

В диссертационной работе особое внимание уделено вопросам совершенствования основных направлений государственного регулирования внешнеэкономических отношений с учетом выявлении основных направлений и отраслей создающих условий для внешнеэкономических отношений со странами мира.

В условиях нестабильности мировой экономики и изменчивости ситуации на мировой арене Таджикистану необходимо разработать долгосрочную Стратегию развития ВЭД, которая создала бы основу эффективной внешнеэкономической политики, прежде всего, в направлении обеспечения развития импортозамещения и расширении объема экспорта готовых продукций отечественного производства и защиты интересов хозяйствующих субъектов экономики. В современных условиях Республике Таджикистан необходимо разработать эффективную внешнеэкономическую политику с учётом интересов внутреннего рынка. С этой целью необходимо на законодательном уровне совершенствовать механизмы управления внешнеторговых отношений, посредством научно-обоснованных способов установления квот, методов использования тарифных и не тарифных мер контроля над импортом и экспортом.

# АННОТАТСИЯ

**ба диссертатсияи Иброҳимӣ Д. М. дар мавзӯи «Танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ дар шароити тағйирёбии иқтисодиёт» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08 00 01 – Назарияи иқтисодӣ**

**Калидвожаҳо: танзими давлатӣ**, *муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ, механизми танзим, воридот, содирот, савдои хориҷӣ, инноватсия, иқтисодиёт, иқтисоди миллӣ, тағйирёбӣ..*

**Мақсади таҳқиқ** инкишофи матолиби назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ, муайянсозии нақш ва аҳамияти танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар бозсозии сохтории иқтисоди миллӣ ва афзоиши зарфияти содиротии ҷумҳурӣ мебошад.

Муаллиф асосҳои назариявии таҳқиқи танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва такмили методҳои танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷиро дар шароити тағйирёбии иқтисоди миллӣ мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Дар кори диссертатсионӣ муаллиф масоили либерализатсияи муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ, махсусан савдои хориҷиро таҳлил намуда, мавқеи Тоҷикистонро дар низоми тағйирёбандаи иқтисодиёти ИДМ ва омилҳову проблемаҳои асосии боздорандаи раванди воридшавии кишварро ҳамчун истеҳсолкунанда ба фазои байналмилалӣ муайян кардааст.

Муаллиф дар кори худ ба вазъи кунунӣ ва таваккали тиҷорати озод, набудани низоми логистикӣ барои тавсеаи гардиши тиҷорат бо кишварҳои шарик диққати хоса зоҳир намудааст.

Иброҳимӣ Дилшод таҳлили фарогири корҳои олимони хориҷиву ватаниро марбут ба муайянсозии асосҳои консептуалии таҳия ва татбиқи танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ анҷом додааст. Илова бар ин, рисоланавис хусусиятҳои механизми таҳия ва татбиқи методҳои самараноки танзими муносибатҳои иқтисодии хориҷиро равшан намудааст.

Дар кори диссертатсионӣ диққати махсус ба масоили такмили самтҳои асосии танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ, бо назардошти муайянсозии самтҳову соҳаҳои асосии фароҳамсозандаи шароити мусоид барои муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ бо кишварҳои ҷаҳон, равона гардидааст.

Дар шароити ноустувории иқтисоди ҷаҳонӣ ва тағйирёбии вазъ дар арсаи байналмилалӣ Тоҷикистонро мебояд Стратегияи дарозмуддати рушди фаъолияти иқтисодии хориҷиро таҳия намуда, бар асоси он сиёсати самараноки иқтисодии хоириҷиро, пеш аз ҳама, дар самти таъмини рушди фаъолияти воридотивазкунӣ ва афзунсозии ҳаҷми содироти маҳсулоти тайёри истеҳсоли ватанӣ ва ҳифзи манфиатҳои субъектҳои хоҷагидории иқтисодиёт роҳандозӣ намояд. Дар шароити муосир Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст сиёсати самараноки иқтисодии хориҷиро бо назардошти манфиатҳои бозори дохилӣ татбиқ намояд. Баҳри амалишавии ин мақсад такмили механизмҳои танзими муносибатҳои савдои хориҷӣ дар сатҳи қонунгузорӣ, тавассути роҳҳои асоснокшудаи илмӣ муқаррар намудани квотаҳо, методҳои истифодаи тадбирҳои тарифӣ ва ғайритарифии назорати воридоту содирот зарур аст.

# ANNOTATION

**for the dissertation work of Ibrohimi D. M. on the theme "State regulation of foreign economic relations in the conditions of economic transformation" submitted for the degree of candidate of economic sciences in specialty 08 00 01 - Economic theory.**

**Key words:** *State regulation, foreign economic relations, control mechanism, import, export, foreign trade, innovation, economy, national economy, transformation.*

**The purpose of research -** is to develop theoretical provisions and develop practical recommendations for improving foreign economic relations and identify the role and significance of state regulation of foreign economic activity in the structural transformation of the national economy and increasing the export potential of the republic.

The author investigated the theoretical foundations of the research of state regulation of foreign economic relations and the improvement of methods of state regulation of foreign economic relations in the context of the transformation of the national economy.

In his dissertation work, the author analyzed the issues of liberalization of foreign economic relations, especially foreign trade, established the place of Tajikistan in the transforming system of the CIS economy, and identified the main factors and problems that hinder the country's entry into the world space as a manufacturer.

The author especially drew attention to the current state and risks of free trade, the lack of a logistics system to expand trade with partner countries.

Ibrohimi Dilshod. performed a synthesized analysis of the works of foreign and domestic scientists devoted to the definition of the conceptual foundations for the development and implementation of state regulation of foreign economic relations. In addition, he revealed the features of the mechanism for the development and implementation of effective methods for regulating foreign economic relations.

In the dissertation work, special attention is paid to the issues of improving the main directions of state regulation of foreign economic relations, taking into account the identification of the main directions and industries that create conditions for foreign economic relations with the countries of the world.

In the context of the instability of the world economy and the volatility of the situation in the world arena, Tajikistan needs to develop a long-term Strategy for the development of foreign economic activity, which underlie an effective foreign economic policy, primarily in the direction of ensuring the development of import substitution and expanding the volume of exports of finished products of domestic production and protecting the interests of economic entities of the economy. In modern conditions, the Republic of Tajikistan needs to develop an effective foreign economic policy, taking into account the interests of the domestic market. To this end, it is necessary at the legislative level to improve the mechanism for managing foreign trade relations, through scientifically grounded methods of establishing quotas, methods of using tariff and non-tariff measures of control over imports and exports.